НОМА БА СТАЛИН с.8-9

БОЗ КУШТОР ДАР КОНИБОДОМ с. 11

ШАРТИ ИСТЕЪФОИ РОҲБАРИ ТОЛИБОН с.4





# ТОҶИКИСТОН

№25 (1588), 19.06.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992




## МАНЪИ ЛИБОСИ БЕГОНА

### Парлумон ислоҳи қонуни баҳсбарангезро қабул кард


**МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ «АҲРОРӢ»**

СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ **30%** ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА **АЗ 3 ТО 5 СОЛ**

Афзалияти хонаҳои истиқоматии баландсифат дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ (паҳлӯи маҷмааи «Истиқлол»):



*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ (дар паҳлӯи маҷмааи «Истиқлол»), ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе.*

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00
+992 00-277-44-33


## ДАР ИН ШУМОРА:


**СИ ҶИНПИН**
Кай ба Душанбе меояд? с.2

**DUSHANBE CITY**
Пули ман куҷо шуд? с.5

**ГӮШАИ ДЕҲҚОН**
Аз номи холӣ чӣ суд? с.3

**ПУТИН ДАР ПХЕНЯН**
Чаро Ғарб нигарон аст? с.4

**ГАРМОИ МАККА**
550 зоир ҷон бохт с.3

**ГУНОҲ НАДОРАМ!**
Шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав! с.13

**ФОҶЕАИ ИШҚ**
Чаро Ориф Таисияро кушт? с.13

**ВАРЗИШ**
Рустам Ятимов ба “Ростов” рафт с.10

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Ӯзбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## КОРЕНКОВ: СУҒД МИНТАҚАИ ДОРО ВА САНОАТӢ АСТ

**Тақрибан 30 дарсади ҳаҷми умумии гардиши мол миёни Тоҷикистону Русия ба вилояти Суғд рост меояд.**

Дар ин бора намояндаи тиҷоратии Русия дар Тоҷикистон Евгений Коренков дар Форуми байналмилалии иқтисодии "Суғд - водии имкониятҳо" изҳор дошт.

“Намоишгоҳи Х-уми байналмилалӣ - ин як пешравист, ки ба вилояти Суғд барои содироту воридот такони ҷиддӣ медиҳад. Барои мо вилояти Суғд тақрибан 30%-и ҳаҷми умумии гардиши мол, ҳам воридот ва ҳам содиротро ташкил медиҳад”,- қайд кард Коренков.

Ба гуфтаи ӯ, агар дар маҷмӯъ дар бораи Тоҷикистон сухан ронем, ин беш аз 60 дарсади тавлиди дохилиро ташкил медиҳад.

"Ин минтақаи доро ва марказзи саноатӣ мебошад”,- қайд кард намояндаи тиҷоратии Русия.

Таъкид гардид, ки Суғд ба суръати рушд ва афзоиши гардиши мол миёни Русия ва Тоҷикистон таъсири назаррас мерасонад. Ҳамчунин, Коренков ба раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода барои ташкили намоишгоҳ дар сатҳи баланд изҳори сипос намуд.

Ёдовар мешавем, ки Форуми байналмилалии иқтисодии "Суғд - водии имкониятҳо" дар шаҳри Хуҷанд бори даҳум аст, ки баргузор мешавад. Дар он рӯзҳои 18-19-уми июн зиёда аз 500 нафар меҳмонон аз Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ ширкат карданд.

## ДЕПОРТИ 30 000 ШАҲРВАНДИ ХОРИҶӢ АЗ РУСИЯ

**Аз аввали соли равон беш аз 30 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз Русия депорт карда шудаанд.**

Дар ин бора намояндаи Вазорати корҳои дохилии Русия Ирина Волк хабар додааст.

Гуфта мешавад, ки муҳоҷирони депортшуда қонунгузории муҳоҷиратро дар Русия нақз кардаанд. Ин рақам дар муқоиса ба соли 2023 тақрибан ду баробар зиёд аст.

"Дар маҷмуъ, аз аввали сол беш аз 30 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз кишвар ихроҷ карда шуданд. Пулис вуруди 100 ҳазор хориҷиро ба қаламрави Русия манъ кард, ки ин нисбат ба як соли пеш 55% бештар аст",- мегӯяд Ирина Волк.

Волк афзуд, ки дар чаҳорчӯбаи марҳилаи аввали амалиёти "Нелегал 2024", ки аз ҷониби ВКД-и Русия гузаронида мешавад, дар як ҳафта беш аз 50 ҳазор қонуншиканӣ дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ ошкор шудааст. Ҳамзамон, худуди 9 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ аз Русия ихроҷ карда шудаанд. Беш аз 6 ҳазор корфармо барои ғайриқонунӣ ҷалб намудани шаҳрвандони хориҷӣ ба кор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Худуди ду ҳазор парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва бақайдгирии қалбакии муҳоҷирон боз шудааст.

## МОДАРОНИ ИСФАРА САРБОЗОНРО ЗИЁФАТ ДОДАНД

**Як гурӯҳ занон - модарон дар шаҳри Исфара бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба дидорбинии сарҳадбонон рафта, барои муҳофизони Ватан дастурхони идона густурданд.**

Иқдоми мазкур аз ҷониби шуъбаи занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ташкил гардида, ҳадафи он дастгирии моддию маънавӣ ва таъмини ҳавасмандию руҳбаландсозии сарҳадбонон дар шаҳри Исфара мебошад.

Меҳмонон аз макони хизмату истироҳат, тамринготҳо, анбори нигаҳдории маводи озуқа ва хобгоҳи ҳайати шахсии қисми низомӣ дидан намуда, бо шароити будубоши аскарон аз наздик шинос шуданд.



## ПРЕЗИДЕНТИ ЧИН БА ТОҶИКИСТОН МЕОЯД

**Президенти Чин Си Ҷинпин бо сафари давлатӣ вориди Тоҷикистон мешавад.**

Тавре Pressa.tj хабар ёфт, сафари давлатии Си Ҷинпин аввалҳои моҳи июли соли равон дар назар дошта шудааст.

Дар ҳошияи сафари Си Ҷинпин 19-уми июн як ҳайати Чин ҷиҳати иштирок дар Форуми занон вориди Хуҷанд шуданд. Меҳмонон дар маросими ифтитоҳи Намоишгоҳи муштараки расмҳои рассомони Тоҷикистон «Симои зан» ва симои каллиграфияи устодони чинӣ «Маънии ҳаёт» дар «Қалъаи Хуҷанд»-и шаҳри Хуҷанд иштирок намуданд. Дар ин ҷо намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ, Осорхонаи таърихии вилояти Суғд ва Осорхонаи археологию фортификатсионии шаҳрро тамошо карданд.

Дар назар аст, ки 20-уми июн мулоқоти занони Тоҷикистону Чин дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардад.

## САРИ САБЗ



**Зулфия АТОӢ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

**- Зиёӣ барои ман нафарест, ки пеш аз ҳама одоби хуб дорад, зиёд мехонад, худнамоӣ намекунад. Агар касе шеър ё роман нависад, ин маънои онро надорад, ки ӯ дарҳол зиёӣ мешавад. Як нафар метавонад дар соҳаи ҳунар маъруф бошад, аммо зиёӣ набошад.**

*- Аҳааа, ана нав маълум шуд сабаби “зиёӣ надорем” гуфтанҳои мардум, ки ба гуфтан мегӯянду шарҳ намедиҳанд. Каманд нафароне, ки одоби хуб дошта бошанду зиёд хонанд ва худнамоӣ накунанд.*



**Акбар ОБИДОВ,**
**хаттот, омӯзгор ва хиштчин**

**- Осори ниёгони мо бо ҳуруфи форсӣ буд. Агар адабиёти дарсӣ дар муассисаҳо кирилливу форсӣ пешниҳод гардад, хонандагон зудтар ҳуруфи қадимаи тоҷикиро аз худ мекунанд. Завқи омӯзиши ин хат дар онҳо бештар мешавад.**

*- Ҳо, рост мегӯед, бисёр чиз зиёд мешавад, ҳам завқи омӯзиши хат, ҳам хароҷоти чопи китоб, ҳам нархи китобҳои чопшуда, ҳам норозигии волидони хонандагон...*



**Латофат КЕНҶАЕВА,**
**шоир, носир, ношир ва журналист**

**- Имрӯз дар роҳ мебинӣ дар дасти модар телефон ва дар дасти кӯдаки дар бағалаш буда ҳам телефон аст, то гиря накунад. Метавон гуфт, ки ҷойи аллаи модарро телефон гирифтааст. Волидайни ҷавон барои фарзандашон китоб намехонанд, китоб намехаранд.**

*- Хубтар аҳамият надодаед, муаллимаи азиз! Агар кунҷковӣ мекардед, шояд медидед, ки дар телефонҳо суруди касбӣ сароидашудаи аллаи модар сабт карда шудааст.*

# МАНЪИ ЛИБОСИ БЕГОНА

## Вакилон ислоҳоти баҳсбарангезро қабул карданд

**Ахиран ислоҳоти баҳсбарангез ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ" қабул шуд. Вакилони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон 19-уми июн ислоҳотро ба қонуни мазкур пазируфтанд. Ислоҳоте, ки "овардан, фурӯш, тарғиб ва пӯшидани либоси ба фарҳанги миллӣ бегона" ва идгардаки кӯдаконро манъ мекунад.**



Ҳамчунин, вакилони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон беш аз 30 қонуни дигарро дар таҳрири нав баррасию ҷонибдорӣ кардаанд.

"Ин қонунҳо тибқи тартиб ҳамаашон қабул шуданд",- гуфт Наврӯз Курбонзода, сухангӯйи Маҷлиси миллӣ.

Бояд гуфт, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон ҳанӯз 8-уми май аз тарҳи иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ" пуштибонӣ карда буданд. Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дин, танзими анъана он замон сабаби манъи идгардаки кӯдаконро "тарбияи дуруст ва таъмини амнияти онҳо дар рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон" номида буд.

Пешниҳоди манъи либоси ба истилоҳ "бегона", ки шарҳи ягона надорад, вале бештар пӯшиши исломиро ҳадаф гирифтааст, пас аз мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо руҳониён ба шакли қонун даромад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 9-уми марти имсол гуфт, ки "бегонапарастӣ дар сарулибос, яъне пӯшидани либоси бегона бо номҳои сохтаи сатру ҳиҷоб дигар масъалаи мубрам барои ҷомеаи мо мебошад".

Мувофиқати вакилон бо тарҳи қонун дар моҳи май маҳкумияти Иттиҳоди уламои Ислом ва эълони "ҷиҳод" аз сӯи баъзе руҳониёни тундравро дар Афғонистон дар пай дошт. Бархе чеҳраҳои динӣ, кормандони мақомот, устодони донишгоҳ ва блогерон дар Тоҷикистон ба ин даъватҳо вокуниш карданд.

Абдуллоҳ Оқилзода, руҳонии ҷавони тоҷик, сабаби вокуниши ҷомеаро ба он пайванд дод, ки "ҳиҷоб барои зани мусалмон як тикка латта нест".

"Ба сароҳат мегӯям, ки вокунишҳои носанҷидаву эҳсосотии хориҷро ба ин масъала қабул надорам. Вале як воқеият бояд гуфта шавад, ки набояд масъулон бо қабули чунин тарҳҳо боис ба эҷоди вокунишҳо дар ҷомеаи дохил ва хориҷи кишвар гарданд",- афзуд ӯ.

Абдуқодири Абдуқаҳҳор, фаъоли шаҳрвандӣ бар ин аст, ки "аслан ҳадафи тағйирот бад нест", вале "қабл аз тасвиби он бояд як маъракае барои дар зеҳни мардум ҷо карданаш роҳандозӣ мешуд".

"Ман гумон мекунам, як кумисюне ташкил шавад, ки навъу намуди либосҳои миллиро аз ҳама минтақаҳо, ки аз сатр камӣ надоранд, сурат бигиранд, дар шакли маникен ба ҷомеаи маданӣ, ҳамзамон ба ҷомеаи кишварҳои мусалмонӣ нишон диҳанд",- идома дод ӯ.

Масъулини дахлдори Тоҷикистон ҳадафи тағйиротро ба модаи 18-и қонуни танзими ҷашну маросим, ки "овардан, фурӯш, тарғиб ва пӯшидани либоси ба фарҳанги миллӣ бегона дар ҷойҳои ҷамъиятӣ"-ро манъ мекунад, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва пешгирӣ аз ифротгароӣ медонанд.

Масъулини Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон ҳам мегӯянд, ки лоиҳаи нави либоси миллӣ бо назардошти анъанаҳои миллӣ ва талаботи замони муосир тарҳрезӣ шудааст. Он на танҳо барои занон, балки барои мардон низ пешбинӣ гардидааст.

Аммо мушаххасоти дигар дар бораи тарҳи нави либоси миллӣ нест. Ва ҳам маълум нест, ки "либоси ба фарҳанги миллӣ бегона" кадом аст.

Акнун пас аз имзои Президент кишвар ба нашри расмӣ, қонунҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунанд.



**Дамои ҳаво дар Макка дар маросими ҳаҷи имсола тақрибан ба 52 дараҷа мерасад. Ин боиси марги беш аз 550 зоир шудааст.**

Маросими имсолаи ҳаҷ аз 14 то 19-уми июн давом мекунад. Хадамоти обуҳавошиносии Арабистони Саудӣ дар бузургтарин масҷиди ин шаҳр рӯзи 17-уми июн дамои 52 дараҷаи гармиро сабт кард. Ба гуфтаи Вазорати тандурустии Арабистони Саудӣ, танҳо рӯзи 16-уми июн 2764 зоир аз гармо осеб дидаанд. Тибқи иттилои расмӣ, дар ҳаҷи имсола дар Макка беш аз 1 миллиону 800 ҳазор зоир аз саросари ҷаҳон ҳузур доранд.



**Дар соли 2024 дар тамоми шаҳру навоҳии вилояти Хатлон дар майдони 16,4 ҳазор гектар гандум кошта шудааст, ки нисбат ба соли 2023-юм 1,2 ҳазор гектар кам аст.**

Дар вилояти Хатлон кишоварзон алакай қариб 70 ҳазор тонна гандум ҷамъоварӣ кардаанд. Дар ин бора дафтари матбуоти МИХД-и вилояти Хатлон хабар додааст. "Дар вилоят 68,5 ҳазор тонна гандум ҷамъоварӣ шуда буд, дар ҳоле ки то моҳи майи соли 2023 алакай 72,3 ҳазор тонна ҷамъоварӣ шуда буд",- таъкид кард манбаъ.



**Кумитаи тафтишотии Санкт-Петербурги Русия хабар додааст, ки "амали ғайриқонунӣ"-и як блогери тоҷикро таҳқиқ мекунанд.**

Гуфта мешавад, ки ин блогери тоҷик Усмонҷон Мирзомуродов аст. Ӯ чанде пеш бо нашри як рақами вотсапӣ аз муҳоҷирон даъват мекунад, ки ба соҳиби он рақам муроҷиат кунанд ва соҳиби билети донишҷӯӣ шаванд. Ӯ дар ин навор ишора мекунад, ки роҳи раҳоӣ аз тафтишҳо доштани билети донишҷӯӣ аст. Гуфта мешавад, ки вай бо ин роҳ обуначиёнашро ба қонуншиканӣ ҷалб кардааст. Усмон дар Инстаграмм беш аз 800 ҳазор обуначӣ дорад.

# «ГӮШАИ ДЕҲҚОН»

## Аз номи холӣ чӣ суд?

**Иқдоми ташкили «Гӯшаи деҳқон» аз Иттифоқи «Тоҷикматлубот» сар зада, аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастгирӣ ёфта буд.**




Дӯконҳои фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо номи зебои «Гӯшаи деҳқон»-ро ба он мақсад ба роҳ монда буданд, ки деҳқонон маҳсулоти хоҷагиашонро худ бемамониат дар бозорҳо бо нархи арзону дастрас пешкаши мардум намоянд. Ин тадбир дар аввал самарабахш ва писанди бахусус аҳолии шаҳри Душанбе буд. Аммо баъдан «Гӯшаи деҳқон» ба дасти ҳаннотони муштзӯр гузашт, ки маҳсулоти деҳқононро ҳанӯз ба бозор нарасида, бо нархҳои арзон мехариданд ва баробари нархҳои бозор ба савдо мебароварданд. Дар ин гуна ракобати носолим деҳқонон аз бозор берун монданд.

Тибқи маълумот, дар соли 2009 дар маҳаллаҳои пойтахти кишвар 114 адад «Гӯшаи деҳқон» амал мекарданд, ки аксар дар дасти ҳаннотон буданд. Шаҳрдории онвақтаи Душанбе вазъиятро омӯхта, қарор кард, ки «Гӯшаи деҳқон»-ро 70 адад зиёд намояд. Аммо ин тадбир ба вазъият беҳбудӣ набахшид. Даҳ сол пеш дигар зарурат надоштани онро ба назар гирифта, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қарор карда буд, ки ба ҷойи онҳо мини-маркетҳо сохта шаванд. Сохта шуданд, аммо бо ҳамон номи назарфиреби «Гӯшаи деҳқон», ки имрӯзҳо дар баъзе маҳаллаҳои пойтахт фаъолият мекунанд. Мутаассифона, нархи маҳсулот дар ин "гӯшаҳо" аз бозорҳои шаҳр фарқ намекунад. Зеро деҳқонон ба паси пештахтаи онҳо роҳ дода намешаванд. Пас биёед ба онҳо дигар "Гӯшаи деҳқон" ном ниҳем ва ба ин назарфиребӣ хотима диҳем.

Чӣ мегӯед?

**Эмоми НАЗАРИЁН,**
**рӯзноманигор**



**Коммерсантъ** **Миллиардери ӯзбектабори Русия Алишер Усмонов бар зидди Бонки “UBS Europe SE” (UBS Deutschland AG) барои “силсилаогаҳиҳои беасос”-аш дар бораи амалиёти шубҳаовари соҳибкор ба суди Франкфурти Олмон шикоят кардааст.**

Вакили дифои миллиардер Штефани Рабенау мегӯяд, бонк дар солҳои 2018-2022 мақомоти Олмонро чанд бор огоҳ кардааст, ки гӯё соҳибкори ӯзбектабор амалиёти шубҳаангези молӣ анҷом медиҳад ва ин кор боис ба оғози “тафтишоти дорои ангезаи сиёсӣ” зидди Алишер Усмонов шудааст.



**ParsToday** **Мақомоти Эрон мегӯянд, ки дар дорухонаҳои Тоҷикистон доруҳои сохти ин кишвар ба маротиб гарон фурӯхта мешаванд.**

Вазири беҳдошти Эрон Баҳроми Айнуллоҳӣ ахиран аз қиммат фурӯхтани доруҳои эронӣ дар дорухонаҳои Тоҷикистон таъкид кард. “Худам дар дорухонаҳои Тоҷикистон дидам, ки доруи моро 20 баробар қиммат мефурӯшанд”,- гуфт вазири эронӣ. Вазир бо интиқод аз адами диққати кофӣ дар тақсими арзи тарҷеҳӣ ва қочоқи доруҳои эронӣ ба хориҷ аз марзҳои Эрон гуфт, ки бояд рӯи масъалаи қочоқи дору контроли бештаре сурат бигирад.



**ТАСС** **Думаи давлатии Русия лоиҳаи қонунеро қабул кард, ки ба пулис ҳақ медиҳад, то шаҳрвандони хориҷиро аз ин кишвар ихроҷ кунад.**

Дар ҳоли ҳозир суд, додгоҳ ва марзбонон ҳақ доранд, ки шаҳрвандони хориҷиро дар сурати даст ба қонуншиканӣ задан аз Русия биронанд. Ҳамчунин дар тарҳи қонун омадааст, шаҳрвандони хориҷие, ки қарори ихроҷашон содир ё иҷозатномаи зисташон дар Русия бекор шудааст, то замони берун шудан аз ин кишвар ҳақ надоранд амволи ғайриманқул ё воситаи нақлиёт харанд, аз бонк қарз гиранд, мошин ронанд ва ғайра.

# ПУТИН ДАР ПХЕНЯН

## Нигаронии Ғарб аз созишномаҳои амниятӣ

**Президенти Русия Владимир Путин 19-уми июн вориди Пхенян шуд. Сафари сарвари Русия ба Кореяи Шимолӣ пас аз 24 сол сурат гирифта, боиси гуфтугӯҳои зиёд дар расонаҳои ғарбӣ гардидааст.**



Расонаҳои давлатии Русия аксҳоеро аз хузури Ким Чен Ин, раҳбари Кореяи Шимолӣ дар фурудгоҳ ва истиқболи ӯ аз Владимир Путин нашр карданд. Владимир Путин дар ёддоште ваъда додааст, ки муносибатҳои тиҷоратӣ ва амниятии Маскав ва Пхенянро ба тавре рушд диҳад, ки аз назорати Ғарб берун бошад.

Ёддошти Путин дар нашрияи Ҳизби ҳокими коргарони Кореяи Шимолӣ нашр шудааст. Ин ёддошт ба ҳафт даҳа муносибатҳо ва ҳамкориҳои ду кишвар бар асоси "баробарӣ, эҳтироми дутарафа ва эътимод" ишора дорад.

Путин дар навбати худ ваъда додааст, ки аз талошҳои Пхенян барои дифоъ аз манфиатҳои миллии Кореяи Шимолӣ бо вуҷуди "фишор, бочхоҳӣ ва таҳдидҳои низомии Амрико" ҳимоят мекунад.

Дар пайи нашри нахустин хабарҳои нашршуда дар робита ба сафари Путин ба Кореяи Шимолӣ, Амрико нисбат ба созишномаҳои амниятӣ, ки қарор аст дар ҷараёни ин сафар имзо шаванд, ибрози нигаронӣ кардааст. Иёлоти Муттаҳида нигарон аст, ки Русия дар садади даст ёфтан ба силоҳе бошад, то дар ҷанги Украина ба кор барад.

Мэтю Миллер, сухангӯйи Вазорати корҳои хориҷии Амрико гуфт, ки Кореяи Шимолӣ даҳҳо мушаки баллистикӣ ва беш аз 11 ҳазор контейнер муҳимоти ҷангӣ барои Русия фиристодааст, то дар ҷанги Русия дар Украина истифода шавад. Русия ва Кореяи Шимолӣ ҳамкориҳои худ дар ин заминаро рад кардаанд.

Ҷон Кирби, сухангӯи Шӯрои амнияти миллии Амрико гуфт, ки таҳкими робитаҳои Русия ва Кореяи Шимолӣ метавонад бар амнияти нимҷазираи Корея таъсир гузорад.

Кореяи Шимолӣ бинобар озмоишҳои ҳастаӣ ва мушакҳои баллистикии худ наздик ба ду даҳа аст зери таҳримҳои Созмони Милал қарор дорад.

Владимир Путин пас аз сафари дурӯза ба Кореяи Шимолӣ бо сафари дурӯза роҳии Ветнам хоҳад шуд. Ин бахш аз дидори ӯ ҳам пешопеш Амрикоро ноҳушнуд кардааст. Амрико дар тӯли чанд даҳа шарики тиҷоратии пешсафи Ветнам буд ва дар солҳои гузашта низ робитаҳоро бо Ҳаной густариш дода буд.

# ШАРТИ ИСТЕЪФОИ РОҲБАРИ ТОЛИБОН



**Мулло Ҳайбатуллоҳ Охундзода, роҳбари Толибон гуфтааст, омода аст аз мақоми феълии худ канор равад, ба шарте, ки дар кишвар ихтилофот набошанд.**

Тибқи иттилои расонаҳои Афғонистон, Охундзода ин нуктаро зимни суханронӣ дар намози Иди Қурбон дар Қандаҳор баён кардааст.

“Бемории тоунро бипазиред, аммо ихтилофотро на. Зеро ихтилоф бадтарин мараз аст. Агар дастае аз мардум маро барканор кунанд, ман хушҳол мешавам, аммо ба ихтилоф дар миёни онҳо хушҳол намешавам”,- таъкид намудааст Охундзода.

Охундзода дар мавриди ҷӣ будани ихтилоф равшан ҳарф назадааст, вале вақтҳои охир расонаҳо дар мавриди ихтилофҳои миёни Толибон (ҳаракати террористии фаъолияташ мамнуъ дар Тоҷикистон,- ред.) менависанд.

Чанде қабл Шӯрои таҳқиқоти байналмилалӣ дар умури мазҳабӣ (IRCRA) дар пажӯҳиши худ эълом карда буд, ки миёни Толибон ихтилофоти идеологиву қабилавӣ вуҷуд дорад ва якпорчагӣ дар ин гурӯх дида намешавад.

Моҳи июни соли 2022 манобеи маҳаллӣ дар вилояти Панҷшер ба рӯзномаи "8 субҳ"-и Кобул иттилоъ дода буданд, ки Толибони паштунтабор шуморе аз Толибони қавмҳои дигарро бо иттиҳоми ҷосусӣ барои раиси амнияти миллии пешини Панҷшер боздошт кардаанд. Аз ин пештар, расонаҳо бо истинод ба суханронии Охундзода дар ҳузури уламои дин навишта буданд, ки ихтилофи назар дар сафи вазирони Толибон низ вуҷуд дорад.

Бояд гуфт, ки Охундзода давоми наздики се соли ҳукмронии Толибон дар Афғонистон боре ҳам аз тарики расонаҳо худро нишон надодааст ва ин боиси пайдо шудани ҳар гуна фарзияҳо оид ба зинда ё мурда будани ӯ гаштааст. Толибон борҳо гуфтаанд, ки роҳбарашон зинда ва дар сари қудрат аст, аммо ҳеҷ далелеро пешниҳод накардаанд.

# АФВИ БАЙДЕН

**BBC** Ҷо Байден, президенти Амрико ҳамсарони садҳо ҳазор шаҳрванди Амрикоро, ки беҳуҷҷат дар ин кишвар умр ба сар мебаранд ва бояд ихроҷ шаванд, афв кард.



Байден дар охири моҳи майи имсол фармонеро имзо кард, ки ҳадафи он пешгирӣ аз вуруди муҳоҷирони бесанад тавассути Мексика мебошад. Бар асоси фармон, ҳар касе бидуни ҳуҷҷат вориди Амрико шавад, аз ҳақи дархости паноҳандагӣ маҳрум хоҳад шуд.

Кохи Сафад тасмим гирифтааст, мушкили ҳамсарони шаҳрвандони Амрикоро, ки беш аз 10 сол мешавад дар ин кишвар зиндагӣ мекунанд, осон кунад. Ба онҳо иҷозати муваққати кор дода мешавад. Ба ҳисоби маъмурияти президенти ИМА, аз ин имтиёз ним миллион кас бархӯрдор хоҳанд шуд.

# 2 МЛРД ДОЛЛАР ҚАРЗ АЗ ЧИН

**CABAR** **Чин барои сохтмони роҳи оҳани "Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон" 2 миллиард доллар қарз медиҳад.**

Дар ин бора мудири ширкати "Роҳи Оҳани Қирғизистон " Азамат Сакиев 18-уми июн дар ҷаласаи Кумитаи нақлиёт, иртиботот, меъморӣ ва сохтмони парлумони Қирғизистон хабар додааст.

Ба гуфтаи ӯ, харҷи умумии лоиҳа тақрибан 4,7 миллиард доллар арзёбӣ мешавад ва ними ин пул - 2 миллиарду 350 миллион долларро Ширкати муштараки лоиҳавӣ, ки ба он Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Чин дохиланд, ҳамчун қарз дарёфт хоҳад кард.

"50 дарсади ин маблағро худи Чин ба кишварҳои иштирокдори лоиҳа қарз медиҳад. 50 дарсади боқиро ҷонибҳо бояд аз ҳисоби худ пардозанд",- изҳор доштааст Сакиев. Ба гуфтаи ӯ, саҳми Қирғизистон ҳудуди 700 миллион доллар аст.

Қарор аст, ки сохтмони роҳи оҳани "Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон" моҳи августи имсол оғоз шавад.

Аз рӯи нақша, роҳи оҳан дар ҳудуди Қирғизистон 311 километр тӯл дошта, аз масири "Торугарт - Кош-Добо - Казарман - Ҷалолобод" мегузарад.

# DUSHANBE CITY

## пули ман куҷо шуд?

**Имрӯз барномаи мобилии бонки “Dushanbe City Bank” чунон истифодабарандаи зиёд дорад, ки қариб дар ҳар оила аз хизматрасониҳои он истифода мебаранд. Агар хулисона иқрор шавем, воқеан ҳам, масъулини ин бонк дар як муддати кӯтоҳ тавонистанд бо барномаи мобилии дастрасашон зиндагии мардумро осон кунанд. Вале рӯзҳои охир нафарони зиёде аз хизматрасонии бонк норозианд.**

Нодира Раҷабова, як сокини шаҳри Душанбе ду рӯз қабл ба ҳафтаномаи мо аз фаъолияти “банкоматҳо”-и “Душанбе Сити” шикоят кард.

- Ҳангоми маблағ гирифтан аз банкомати “Душанбе Сити” кортам дохили он монд. Банкомат аз фаъолият бозистод. Ба ду рақами бонки мазкур занг задам. Вале рақамҳо “берун аз шабакаи фаъолият қарор доштанд”. Ба як шиносам, ки дар яке аз бахшҳои “Душанбе Сити” кор мекунад, занг задам. Вай гуфт, ки то ним соат назди банкомат исто, вагарна баъди ним соат банкомат ба кор медарояд ва ту ки коди кортатро ворид кардаӣ, аз ҳисобат ягон нафар маблағ мегирад. Ҳамин гуна, ман интизори корт шуда, аз кор дер мондам...”.

Мушкили дигари ин бонк дар масъалаи интиқол аст. Маблағ намегузарад ё ду бор мегузарад. Соибова Нисо аз ин камбудии “Душанбе Сити” гуфт:

- Ду рӯз боз ба кадом мағозае наравам, мегӯянд, ки ҳоло корти “Душанбе Сити” кор намекунад. Бовар накардаму пули хариди аз мағоза кардаамро тариқи онлайн ба фурӯшанда равон кардам. Маблағ аз тарафи ман гузашт, вале ба ҳисоби он тараф ворид нашуд. Ман ҳайрон, ки пул куҷо шуд?

Ҳафузуллоҳ Тоҳирӣ, истифодабарандаи дигари “Душанбе Сити” дар мавриди мушкили интиқол назари худро дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” чунин навиштааст:

- Амалкарди “Душанбе Сити Бонк” дар масъалаи интиқол чунон аст, ки ба ҳар рақами телефон, ҳатто ба рақамҳое, ки дар онҳо корт умуман вуҷуд надорад, пул интиқол медиҳад.

Ин танҳо мушкилӣ нест. Мардум аз банкоматҳои шаҳр наметавонанд маблағи даркории худро гиранд. Сари ҳар қадам дар истгоҳҳои пойтахт терминалҳои “Express Pay”, ки мутааллиқ ба “Душанбе Сити Бонк” ҳастанд, насб карда шудааст, вале онҳо кор намекунанд. Истифодабарандагон чигуна метавонанд ба кортҳои нақлиёташон пул гузаронанд? Ин дар ҳолест, ки корти нақлиётиро танҳо дар ҳамин терминалҳо пур карда мешавад.

Аксари истифодабарандагон аз бемасъулиятии кормандони “Душанбе Сити Бонк” низ шиква мекунанд.

- Аз Русия ба ҳисоби ман писарам пул ворид кард. Ба ман “СМС” омад, вале натавонистам пулро аз банкомат бигирам. Барои ҳалли мушкилӣ ба наздиктарин шуъбаи “Душанбе Сити” рафтам. Онҷо одам зиёд буд. Як соати пурра дар навбат нишастам. Масъули ин бонк умуман ба муштариён аҳамият намедод. Ба кадом кори худаш саргарм буд. Вақте навбати ман расид, масъул рақамҳои телефонамро навишта гирифт ва гуфт, ки то бегоҳ ба шумо занг зада, мушкилатонро ҳал мекунанд. Се рӯз боз интизори зангам...,- гуфт як хонандаи “Тоҷикистон”.

Ин ҷо суоле сар мезанад, ки “Душанбе Сити” то ба кай мардумро саргардон мекунад?

**С. УБАЙДУЛЛОЗОДА**



## «ЭКО ТАКСӢ» ДАР ДУШАНБЕ

**Дар шаҳри Душанбе боз як ширкати кироякаш - “Эко таксӣ” ба фаъолият шуруъ намуд.**

Дар расми рӯнамоии 400 электромобилҳои ширкат муовини раиси шаҳри Душанбе Саидзода Фирдавс, роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Эко таксӣ” ва Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ иштирок доштанд.

Ёдовар мешавем, ки тибқи қарори раиси шаҳри Душанбе ширкатҳои кироякаши таксӣ вазифадор гардидаанд, ки то 1-уми сентябри соли 2025 пурра ба воситаҳои нақлиёти электромобил гузаранд.

Айни замон дар шаҳри Душанбе 12 ширкати мусофиркашонии таксӣ фаъолият менамоянд, ки 4350 нақлиёти кироякаш доранд. То 6-уми июни соли 2024 аз 4350 воситаи нақлиёти кироякаш 2451 адади онро электромобил ташкил медиҳад. 1914 адади он воситаи нақлиёти дорои муҳаррики дарунсӯз мебошад, ки намои зоҳирии онҳо зард аст. Таносуби электромобил нисбат ба талабот 56,3 фоизро ташкил медиҳад.

▸▸ *Бонкдорӣ*



## ТАШРИФИ МУДИРИ ДАФТАРИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ШВЕЙТСАРИЯ БА БМТ

**Ҳафтаи сипаригашта дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо мудири барномаҳои макроиқтисодии Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (SECO) ҷаноби Роналд Гиндрат масъалаҳои густариши ҳамкориҳои дуҷониба мавзӯи суҳбат қарор дода шуданд.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба мудири барномаҳои макроиқтисодии SECO барои ҳамкории дарозмуддат ва самарабахш изҳори миннатдорӣ намуда, иброз дошт, ки шарикӣ бо ин ташкилоти бонуфуз имкон дод, то тайи солҳои охир дар бахши молия ва низоми бонкӣ як қатор ислоҳоти муҳим татбиқ гардад. Аз ҷумла, дар доираи лоиҳаҳои SECO ба як қатор дастурамалу низомномаҳои бахши назорати бонкӣ, аз қабили идоракунии корпоративӣ, суботи молиявӣ, қарзҳои батаъхирафтода ва дигар воситаҳои танзими бонкӣ тағйирот ворид гардид, ки онҳо натиҷаҳои назаррас нишон доданд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо тақвияти ҳамкории тарафайнро бо истифодаи самараноки зарфиятҳои мавҷудбуда зарур шуморида, ҳавасмандии худро дар татбиқи лоиҳаҳои минбаъдаи ислоҳоти бахшҳои бонкӣ бо мақсади таҳкими механизмҳои танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои молиявии қарзӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии идоракунии бӯҳрон дар бахши молиявӣ, таҳияи моделҳои санҷишии макростресс, ҷалби мушовирон барои рушди бозори коғазҳои қиматноки БМТ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба татбиқи модули IFT ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳо дар доираи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 иброз намуданд.

## НАМОИШГОҲИ МОЛУ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИ ЭКСПО

**Дар доираи барномаи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» аз 10 то 13-уми июни соли равон Намоишгоҳи молу маҳсулоти корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Dushanbe EXPO Centre» баргузор гардид.**

Меҳмонони Конфронс дар Намоишгоҳ бо маҳсулот ва иқтидори истеҳсолию саноатии корхонаю коргоҳҳои гуногуни Тоҷикистон дар бахшҳои саноати мошинсозӣ, кимиё, нассоҷӣ, маъдан, канданиҳои фоиданок, масолеҳи сохтмон, ангишт, технологияи иттилоотӣ, энергетика, хӯрокворӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ шиносоӣ пайдо карданд.

Дар як гӯшаи Намоишгоҳ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон низ ба меҳмонони дохилию хориҷӣ ва иштирокдорони чорабинӣ тангаҳои хотиравӣ ва сабикаҳои ҷенакии тилло муаррифӣ гардиданд.

Зимни шиносоӣ ба меҳмонон иттилоъ дода шуд, ки тангаҳои хотиравӣ ва ҷашнӣ ифодагари тамаддуни қадимаи халқи тоҷик, арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ буда, рӯйдодҳои таърихиро дар худ таҷассум менамоянд. Онҳо манбаи пурарзиши таълимӣ ба ҳисоб рафта, дар бораи гузашта ва имрӯзи мо маълумот медиҳанд.

Қайд гардид, ки тангаҳо на танҳо аз ҷиҳати молиявӣ, балки аз ҷиҳати таъсирнокию ҳиссиёт низ арзиш дошта, ҷамъоварандагон онҳоро барои аҳамияти таърихӣ доштанашон қадр мекунанд. Сармоягузорӣ ба ин намуди маҳсулот на танҳо имкони баланд бардоштани арзиши дороиҳои худ, балки огаҳӣ ёфтан ва ҳамроҳ шудан ба таърихи фарҳанг мебошад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**



# БА ДОНИШ РАВОНРО ТАВОНГАР КУНЕД



**Яке аз донишмандони факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Кӯлоб дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта, устод Рустам Ҷӯраев буд. Хатмкардаи факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург.**

Дар бораи эшон мо донишҷӯён маълумоти кофӣ надоштем. Тибқи шуниди мо, гузаштагони ӯ аз ноҳияи Ашт будаанд.

Баъзеҳо мегуфтанд, ки Рустам Ҷӯраев баъди бо баҳои аъло хатм кардани донишгоҳи машҳур ба кор ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон даъват шудааст. Он ҷо чанд муддат фаъолият кардааст. Баъдан, ба ҳайси тарҷумон дар Сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон фаъолият намудааст. Аммо дар Кобул бо роҳбараш созомадӣ накардааст. Аз сафорат бозхонд шудааст.

Ҳамин тариқ, Рустам Ҷӯраев links мармуз, ба кадом сабабе ба кор ба Донишгоҳи Кӯлоб фиристода шуда буд. Мо тааҷҷуб мекардем, ки он чӣ рӯзгори носозгор будааст. Вагарна нобиғае мисли ин шахсияти нотакрор ҷойи худро дар донишгоҳи музофотӣ намедид.

Рустам Ҷӯраев марди миёнақад, фарбеҳ, рӯйи борик, чашмони ориёӣ, бинии баланд, лабони тунук, пешонии васеъ, мӯйи сари сиёҳ дошта, қисмати пеши сараш каммӯй гашта бошад ҳам, ба салобат ва мартабаи хиради ӯ мувофиқ меафтод.

Овози ҷолиб дошт. Мисли наттоқони радио, ки хабарҳои расмиро қироат мекарданд, суханварӣ мекард. Паст гап занад ҳам, нутқаш ниҳоят ҷолиб буд. Ҳама ба мантиқи сухани ӯ гӯшу ҳуш мешуданд. Мефаҳмиданд, ки моҳияти ифодаи мавзуъ то кадом дараҷа дар нодирагӯӣ ва маъниофаринии устод тавсиф ва тафсир меёбад. Чунон забони бой дошт, ки «суханро боло бурда, рӯйи курсӣ менишонд».

Рафтор ва қадаммонии босалобат дошт. Дар байни муаллимон фарқ мекард. Аз рӯи дониш ва хираде, ки бар устод насиб гашта буд, ҳама ба ӯ бо эҳтироми махсус муносибат мекарданд.

Минбаъд ҳам, ҳангоми таҳсил дар аспирантура, докторантура, фаъолияти илмӣ, курсу семинарҳо ва таҳсил дар мактабҳои хориҷӣ ман мисли Рустам Ҷӯраев шахсияти ҳамсони ӯро дар манзалати маърифатнокӣ, донишмандӣ ва шаҳодатномаи муаллимӣ надидам.

Баъди чанд муддате аз муаллими одӣ Рустам Ҷӯраев мудири кафедраи забони русии байнифакултетии Донишгоҳи Кӯлоб таъйин шуд.

Дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла, дар гурӯҳи махсуси факултети забон ва адабиёти рус, ки он ҷо фақат русзабонҳо таҳсил мекарданд, аз фанни грамматикаи забони русӣ ва аз грамматикаи забони тоҷикӣ дар факултети забон ва адабиёти тоҷик, инчунин, аз грамматикаи муқоисавӣ ҳам барои русҳо бо забони русӣ ва ҳам барои тоҷикон бо забони тоҷикӣ дарс мегуфт.

Тибқи барномаи факултет, ҳар гурӯҳи бисту панҷнафарӣ ба ду зергурӯҳ ҷудо карда шуда буд. Ҳамин тариқ, ин зергурӯҳҳо аз дувоздаҳ, сездаҳ нафарӣ иборат буданд.

Р. Ҷӯраев ба яке аз ин гурӯҳҳо грамматикаи забони тоҷикӣ ва ба зергурӯҳи ҳамин гурӯҳ аз грамматикаи забони русӣ таълим медод.

Самтҳои дарсдиҳии Рустам Ҷӯраев, асосан грамматикаҳои амалии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ буданд. Муаллим қоидаҳои морфологӣ ва синтаксисиро дар асоси мафҳумҳои таърихӣ ва замони муосир, тарзи ташаккул ва таҳаввулоти забонҳо шарҳ медод. Даҳҳо мисолҳои гуногун пеш меовард. Онҳоро дар доираи формулаҳои грамматикӣ тафсир ва аз нигоҳи илмӣ пешкаши донишҷӯён мекард.

Албатта, сатҳи дониши илмомӯзон якзайл набуд. Аммо муаллим бо ба инобат гирифтани дараҷаи инкишофи донишҷӯён ҳар як назарияи илмиро батафсил, одӣ, хеле устодона мефаҳмонд. Лекин ӯ, гӯё ҷиддан аҳамият намедод, ки кадом донишҷӯ то кадом дараҷа дарсро аз худ мекунад. Ду-се шунавандаи пешқадамро интихоб мекард. Дараҷаи азхудкунии илмро дар мисоли онҳо месанҷид. Медид, ки интихобкардаҳо ӯро мефаҳманд, иҷроиши барномаҳои дарсиро ба тарзи боварибахш идома медод.

Мо дар гурӯҳи русии Р. Ҷӯраев сабақ мегирифтем.

Дар курси сеюм, аллакай, дефинитсия, истилоҳот ва категорияҳои грамматикаро хуб азбар намуда будем. Фақат донишҳои худро мебоист аз лиҳози амалӣ, дар мисолҳо – матнҳои илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ таҳлил мекардем. Месанҷидем.

Муаллим Р. Ҷӯраев дар зергурӯҳи русии мо, дар муддати навад дақиқа дарсро ба пуррагӣ бо забони адабии русӣ мебурд. Бо ин забон чунон тоза, озодона, ифоданок сухан мегуфт, гумон мекардӣ, ки сухангӯ соҳибзабон аст.

Таснифи морфологии ин забон, инкишофи онро дар ҷумлаҳои сода ва мураккаби русӣ бо навъи волотарин, ниҳоят фаҳмо шарҳ медод. Бо овардани мисолҳо аз адабиёти бадеии классикӣ ва муосири рус истифодаи категорияҳои грамматикиро исбот мекард.

Мо, донишҷӯёни деҳотии мактаби олии музофотӣ, бо як фарзанди миллати тоҷик, ки аз ноҳияи дурдасти Тоҷикистон ҳамагӣ панҷ сол дар Россия таҳсил кардааст ва ба ин андоза забони хориҷиро аз худ намудааст, ифтихор мекардем. Ба дарсҳои ӯ гӯш меандохтем. Кӯшиш мекардем агар монанд ҳам шуда натавонем, пайрави чунин устод бошем.

Дар байни донишҷӯён ва муаллимони донишгоҳ доимо дар бораи дараҷаи ниҳоят баланди донишҳои илмӣ ва хотираи фавқулодаи муаллим Рустам Ҷӯраев нақлҳои ҷолиб мерафт.

Як сифати махсусан фарққунандаи муаллим Р. Ҷӯраев он буд, ки дар соати аввали дарс ному фамилияи ҳар як донишҷӯро мегирифт. Ба ӯ як дафъа нигоҳ мекард. Баъдан, то хатми донишгоҳ дигар ҳаргиз ному фамилия, дар кадом факултет, курс, гурӯҳ ва зергурӯҳ хондани ӯро фаромӯш намекард.

Чӣ хеле ёдоварӣ шуд, ӯ дар зергурӯҳи мо аз амалияи грамматикаи забони русӣ дарс мегуфт. Ва ҳангоми машғулият ягон калимаи тоҷикиро истифода намебурд. Ҳамин тариқ, дар зергурӯҳи дигар, ки муаллим Р. Ҷӯраев ба онҳо аз грамматикаи забони тоҷикӣ дарс мегуфт, ягон калимаи забони русиро бе зарурати мисол ба ёд намеовард.

Дар хусуси хотираи фавқулодаи муаллим Рустам Ҷӯраев дар байни донишҷӯён ва муаллимон гоҳо нақлҳои ҷолиб роиҷ буд.

Дар гурӯҳи «Б»-и курси сеюми факултети забон ва адабиёт, ки мо дар он таҳсил мекардем, фақат бачаҳо мехонданд. Гурӯҳ ҳама аз деҳоти дури минтақаҳои Кӯлоб, водии Вахш ва водии Рашт ҷамъ омада буд. Ёздаҳ нафар бо баҳои аъло таҳсил мекарданд. Аз ин ҷиҳат, он дар донишгоҳ мақоми аввал дошт. Гурӯҳи моро нимшӯхиву нимҷиддӣ гурӯҳи мунтахаби донишгоҳ ном мебурданд.

Муаллимон, агар нисбат ба мо сахтгир буданд, мо ҳам нисбат ба муаллимон серталабии худро пинҳон намекардем.

Ин серталабӣ ва шӯхиҳои мо гоҳо аз ҳад мегузашт.

Як замон ҳамсабақони мо хостанд фаҳманд, ки дар ҳақиқат муаллим Р. Ҷӯраев хотираи фавқулода дорад? Ҳамаро бо ному фамилия, аз кадом факултет, курс, гурӯҳу зергурӯҳ буданаш мешиносад ё не?

Бо ин мақсад, ду нафар аз ҳамкурсон Б. Асоев ва С. Бақоев қарор қабул карданд, ки муаллими сахтгир Р. Ҷӯраевро санҷанд. Яке аз рӯзҳои якшанбе дар бозори серодами марказии шаҳри Кӯлоб муаллим Р.Ҷӯраевро диданд, ки растаҳои бозорро тамошо карда, ким-чизеро хариданӣ аст.

Баҳриддин Асоев, ки бо мо дар гурӯҳи русӣ мехонд, ба муаллим Р. Ҷӯраев наздик шуда:

– Салом, муаллим! – гуфта, гузаштанӣ шудааст.

Муаллим Ҷӯраев ба Асоев нимнигоҳ карда, – «Здравствуйте, товарищ Асоев», – гуфта, ба тамошои худ идома додааст.

Бақоев ва Асоев дар тааҷҷуб шуда, муаллимро аз дур ноаён пойидан мегиранд.

Ҳангоми гузаштанаш аз назди магазини тиллофурӯшӣ, ки дар даромадгоҳи бозор воқеъ буд, бо маслиҳати Асоев, ҳамсабақи дигари мо Бақоев, ки дар зергурӯҳи тоҷикӣ мехонд, гӯё бо муаллим ногаҳон воҳӯрда бошад, ба ӯ рӯ ба рӯ шуда:

– «Здравствуйте» Рустам Джураевич, – гуфта, эҳтироми санҷишии худро баён карданӣ шудааст.

Муаллим тарафи донишҷӯ як нигоҳ карда:

– Салом, рафиқ Бақоев! – гуфта, гарм посух додааст.

Рӯзи душанбе ҳамсабақони мо ин «воҳӯрӣ»-и санҷишии худро ба ҳамкурсон хеле бошавқу завқ ва шефтагӣ нақл карданд.

Муаллим Р. Ҷӯраев дар соли чоруми хониш ба мо аз фанни забоншиносии муқоисавӣ лексия хонд.

То ҳозир ман муътақид ҳастам, ки тамоми лексияҳои муаллим як навъ дарсҳои намунавӣ дар соҳаи забон, аз ҷумла, забоншиносии умумӣ ва фалсафаи забон буданд.

Рустам Ҷӯраев мисли муаллим Иззатулло Тамлихоев бе қаламу коғаз вориди синфхона мешуд. Дар кисаи росташ ҳамагӣ 5-6 карточкаи хурд, дар картони тунуки зарди аз даст бо ҳарфҳои хурд дар пушту рӯ навишташуда дошт, ки онҳоро гоҳо нимнигоҳе ҳам накарда, гӯё истифода мекард.

Ӯ назарияҳои забоншиносони машҳури олам А. Шахматов, В. Виноградов, Л. Якубински, С. Ожегов, А. Пешковский ва дигаронро ба тарзи муқоисавӣ пешниҳод, таҳлил, баррасӣ, хулосабарорӣ ва арзёбӣ мекард, ки барои мо, донишҷӯён ҷолиб буд.

Таваҷҷуҳи моро назарияи материалии забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, моҳияти хешигарии забонҳо, оила ва гурӯҳҳои забонӣ, қонунмандиҳои тараққиёти забонҳо, забон ҳамчун омили ваҳдат ва рушди миллатҳо, инкишофи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён бар пояи дарки решаҳои табиӣ, таърихӣ, физиологӣ ва ҷамъиятии забон бештар ҷалб мекарданд.

Дарсҳои Рустам Ҷӯраев оид ба этимологияи муқоисавии гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, махсусан, ҷолиби таваҷҷуҳ буданд.

Ӯ бо вуҷуди таҳсил дар шароити **берун аз мамлакат, дар дараҷаи аъло донистани забонҳои хориҷӣ, шахсияти ватандӯст ва миллатпарвар буд.**

**Нақши забони тоҷикиро дар ташаккули забонҳои ҳиндуаврупоӣ муҳимтарин омил медонист.**

**Таъкид мекард, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои бунёдӣ ва ҳалқаофарини оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад.**

**Исбот карданӣ мешуд, ки тамоми калимаҳои мансуб ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки решаи «st» доранд, ҳолат, ҳаракат ва мансубиятро мефаҳмонанд, дар асл аз решаи феъли ёридиҳандаи «аст» оғоз ёфтаанд.**

Барои мисол, *«stop», «stood», «establishmen»*. Суффикси маконсози хосияти байналхалқгирифтаи – «истон», ки номи бисёре аз кишварҳо тавассути ҳамин суффикси маконсоз мавқеи сукунати онҳо таъйид шудааст, аслан, аз ҳамин решаи "феъли ёридиҳандаи забони тоҷикӣ" сарчашма мегирад.

Ҳамин тариқ, ӯ ҳангоми хондани лексияҳо дар мавзуъҳои марбут ба забоншиносии муқоисавӣ ва этимологияи муқоисавӣ, забони тоҷикиро бо забонҳои англисӣ, немисӣ, пашту ва ғайра хеле озодона, бо мисолҳо дар таносуб, умумият ва фарқият мегузошт.

Дар мафкураи мо, донишҷӯён ақидае шакл мегирифт, ки муаллим Ҷӯраев ҳамаи ин забонҳоро медонад.

Аммо чӣ қадаре ки мо ба донишҳои муаллим Р. Ҷӯраев қоил шуда бошем, ҳамон қадар кунҷковии донишҷӯӣ моро намегузошт, ки дар ин боварҳо то охир устувор монем. Мегуфтем: **илм вақте ба охир мерасад, ки он ҷо боварҳо хосияти мутлақ мегиранд. Сабаби бутпарастӣ, рукуд ва бадбахтии оқибати сухани мулло низ дар ҳамин аст.**

Яке аз ҳамкурсон ва рафиқи мо Теша Шарипов, ки бачаи аълохон, ҳамзамон шӯхи файзободӣ буд, ба хиради муаллим Р. Ҷӯраев, дараҷаи забондонии ӯ қоил будани худро таъкид мекард:

– Медонам, ки муаллим Ҷӯраев аз ҷумлаи донишмандтарин устодони донишгоҳ аст. Шояд мисли ӯ олим на танҳо дар Кӯлоб, балки дар тамоми мактабҳои олии мамлакат низ пайдо нашавад. Аммо ҳеҷ мумкин нест, ки як одам дар сиву панҷ – чил соли умри худ ин қадар илму маърифатро аз худ карда тавонад.

Ман ба ин фикр ҳам розӣ шудам, ҳам не. Гуфтам:

– Абуалӣ Сино фармудааст, ки ба ғайр аз таълим гирифтанҳо ва китоб хонданҳо инсонҳое ҳастанд, ки лаёқати фитрӣ доранд. Тавассути аз бар намудани донишҳои аввалӣ, худ ба худ, ба умқи масъала ворид мегарданд. Дар натиҷаи хондан ва шунидани андак, онҳо нисбат ба дигарон тезтар ба муайян кардани иттилоот, категория, дефинитсияҳо, мафҳумҳо ва қонунмандиҳо мерасанд.

– Э, як гуфтам, нагуфтам, дар бало мондам. Ту даррав ба фалсафаат мегузарӣ. Охир, ман фикр мекунам, ки ҳамин як одам – муаллим Ҷӯраев наметавонад ин қадар доно бошад. Пӯсткандаи гап, ба фикрам, ӯ барои моро қоил кардан, шаб то ба рӯз мавзуи лексияашро аз таги дил азёд ва такрор мекунад, - гуфт бачаи худбовар.

– Ман ба фикри ту розӣ нестам. Муаллими қориазёд мекардагӣ маълум аст. Лекин устод Ҷӯраев воқеан нобиға аст. Нотакрор аст. Донишманди ҳақиқӣ аст, – гуфтам ман.

– Ман ҳам ҳамин хел гумон мекунам-ку. Лекин ба ҳар ҳол, ту бо ман бош. Беодобӣ нашавад, ман устодро як бор месанҷам, – гуфт Теша.

– Хайр, савол дошта бошӣ, ҳозир лексия тамом мешавад. Дар охир даст бардошта, тибқи маъмул, саволатро деҳ, – гуфта, маслиҳат додам ба Тешаи якрав.

– Не, ин корро ман намекунам, – гуфт ӯ.

– Барои чӣ? – пурсидам ман.

– Яке намедонад, дар байни мардум, нохуб мешавад, - гуфт ҳамкурси «хушгумон»-и ман, – гӯё худро ботадбир гирифта.

– Хайр, чӣ пешниҳод дорӣ? – пурсидам ман.

– Бо ман биё, худат мефаҳмӣ, – гуфт Теша.

Синфхонаҳои Донишгоҳи Кӯлоб ҳама ду дари дутабақагӣ доштанд. Аз дари пеш, маъмулан, муаллимон медаромаданд. Рост ба паси минбар мегузаштанд. Рӯ ба рӯйи донишҷӯён қарор мегирифанд. Дари дуюм, асосан, барои даромад ва баромади донишҷӯён буд.

**(Давомаш дар саҳ.12)**

# КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ БОХТАР

## дар омода намудани мутахассисони миёнаи тиб саҳми арзанда мегузорад

**СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АВВАЛИНДАРАҶАИ СИЁСАТИ ИҶТИМОИИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН БА ШУМОР РАФТА, ДАВОМИ СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ БА ПЕШРАВИҲОИ НАЗАРРАС НОИЛ ГАРДИДААСТ. ДАР ИН РАВАНД, ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «КОЛЛЕҶИ ТИББИИ ШАҲРИ БОХТАР» ДАВОМИ НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2024 НАЗАРРАС БУДААСТ.**



Бино ба иттилои директори Муассисаи таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар» И. Мусоев, муассисаи мазкур дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.03.1999, таҳти №100, Фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 8.04.1999, таҳти №141 «Оид ба табдил додани омӯзишгоҳҳои тиббӣ» ба коллеҷи тиббӣ таъсис дода шудааст.

Дар коллеҷи тиббӣ шаш шуъба ва шуъбаи шабона (кори ҳамширагӣ, кори фармасевтӣ) амал намуда, бо ихтисосҳои зерин мутахассисонро тайёр менамоянд:

1). Шуъбаи кори момодоягӣ бо тахассуси момодоя (мӯҳлати таҳсил 3 солу 10 моҳ).

2). Шуъбаи кори табобатӣ бо тахассуси ҳамшираи (бародари) тиби оилавӣ (мӯҳлати таҳсил 3 солу 10 моҳ).

3). Шуъбаи кори ҳамширагӣ ва шабона бо тахассуси ҳамшираи тиббӣ (мӯҳлати таҳсил 2 солу 10 моҳ).

4). Шуъбаи кори дандонсозӣ бо тахассуси техники дандон.

5). Шуъбаи кори фармасевтӣ ва шабона бо тахассуси ёрдамчии фармасевт (мӯҳлати таҳсил 2 солу 10 моҳ).

6). Шуъбаи табобати дандон бо тахассуси ёрдамчии духтури дандон (мӯҳлати таҳсил 2 солу 10 моҳ).

Коллеҷ аз факултетҳои кори табобатӣ, кори момодоягӣ, кори ҳамширагӣ ва кори фармасевтӣ иборат буда, **ҳамчунин, айни ҳол 8 кафедра фаъолият карда истодаанд:**

*1. Кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ ва табиӣ-риёзӣ.*

*2. Кафедраи момоӣ.*

*3. Кафедраи тиббӣ-биологӣ.*

*4. Кафедраи фармасевтӣ.*

*5. Кафедраи забонҳо.*

*6. Кафедраи ҷарроҳия ва кори ҳамширагӣ.*

*7. Кафедраи тиби оилавӣ.*

*8. Кафедраи амрози даруна ва кӯдакона.*

Ба гуфтаи И. Мусоев, Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз калонтарин таълимгоҳҳои миёнаи касбӣ дар вилояти Хатлон мебошад. Дар он шакли таълим рӯзона ва шабона буда, теъдоди донишҷӯён дар аввали соли хониши 2023-2024 ҳамагӣ 3076 нафар (дар гурӯҳҳои буҷавӣ 459 ва дар гурӯҳҳои шартномавӣ 2617 нафар)-ро ташкил дода, дар он донишҷӯёни миллатҳои гуногун таҳсил менамоянд. Дар коллеҷ 16 нафар ятимони кулл, 100 нафар нимятим ва 34 нафар маъюбон таҳсил менамоянд.



*Сохтмони бинои нави таълимии иборат аз 5 ошёна*

Айни ҳол дар Коллеҷи тиббӣ 240 нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд, ки шумораи омӯзгорони асосӣ 159 нафар буда, 86 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд. Теъдоди омӯзгорони соатбайъ 81 нафар буда, бештари онҳоро омӯзгорони собиқадор ва пуртаҷриба ташкил медиҳанд.

Дар Коллеҷи тиббӣ 116 синфхона бо таҷҳизот ва асбобу аёниятҳои таълимӣ таҷҳизонида шудааст. Дар синфхонаҳои кафедраҳо таҷҳизоти компютерӣ ва тахтаи электронӣ гузошта шудааст.





Дар Коллеҷи тиббӣ хобгоҳ барои донишҷӯдухтарон фаъолият менамояд, ки айни ҳол дар он 228 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдаст истиқомат мекунанд.

Дар китобхонаи коллеҷ 17 ҳазору 728 адад китоб мавҷуд буда, теъдоди китобҳои таълимии тахассусӣ 12801 адад, таълимии умумӣ 700 адад, адабиёти методӣ 1072 адад, адабиёти бадеӣ 2 707 адад ва адабиёти мухталиф 90 ададро ташкил медиҳад.

Китобхонаи электронӣ аз соли 2012 фаъолият менамояд, ки дар 2 синфхонаи электронӣ 60 адад компютер мавҷуд буда, ҳамаи онҳо ба шабакаи интернет пайваст мебошанд. Дар китобхонаи электронии коллеҷ лексияҳои омӯзгорон ҷойгир карда шуда, беш аз 5000 номгӯи китобҳо мавҷуд мебошад. Аз ҷониби омӯзгорони асосии коллеҷ 25 адад адабиёти таълимӣ (1 китоб ва 24 дастур) ва аз ҳамаи фанҳое, ки дарс мегузаранд, модули таълимӣ таҳия карда шудааст.

Дар Коллеҷи тиббӣ бунгоҳ аз соли 2010 фаъолят менамояд. Аз ҷониби мудири бунгоҳ ҳамарӯза ҳолати санитарию беҳдории бинои таълимӣ, хуҷраҳои таълимӣ ва ошхонаи донишҷӯён санҷида мешавад.

Айни ҳол дар муассиса бинои нави таълимии иборат аз 5 ошёна сохта шуда истодааст. Дар таҳхона ва ошёнаи якум маркази ташхисӣ дар самтҳои бемориҳои асаб, дилу рагҳо, бемориҳои узвҳои ҳозима ва пешоббарор, бемориҳои гинекологӣ, бемориҳои ғадудҳои даруна, таҷҳизоти ташхисӣ дастрас мешавад. Инчунин таҳлилгоҳи клиникии биохимиявӣ, вирусологӣ ба истифода дода мешавад. Дар ошёнаи дуюм шуъбаи бемориҳои амрози даруна бо 36 кат ба истифода дода мешавад. Дар ошёнаҳои 3, 4, 5-ум хуҷраҳои таълимӣ барои фанҳои тахассусӣ ба нақша гирифта шудааст.

И. Мусоев мегӯяд, ки пайваста кӯшиш мекунанд, то сифати таҳсилот, дониши муҳассилин, тарбияи донишҷӯён ба Оинннома, Низомномаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷавобгӯй бошад.

- Бо боварӣ метавонам бигӯям, ки коллективи омӯзгорони Коллеҷи тиббӣ дар омода намудани мутахассисони миёнаи тиб саҳми арзандаи худро мегузоранд.

**Машраби АЛОВИДДИН**

# НОМА БА СТАЛИН ВА



**Барои он ки кишваре бо номи Тоҷикистон дар соли 1924 ҳамчун давлати худмухтор дар тобеияти Ӯзбекистон ва соли 1929 чун кишвари алоҳида дар харита пайдо шавад, мо ҳазорон шаҳид додем, китоб сӯхтем, китоб гӯрондем ва ба домани кӯҳҳо паноҳ бурдем.**

Тоҷикон бештарини сокинони Осиёи Марказиро ё ҳамон Варорӯдро ташкил диҳанд ҳам, бумитарин ва куҳантарин миллати минтақа бошанд ҳам, чашми нотавонбинон онҳоро намедид ё бинанд ҳам, худро ба нодид мезаданд.

Аз соли 1924 сарону сарварони Тоҷикистон, аз ҷумла Шириншоҳ Шоҳтемур барои аз ҳайати Ӯзбекистон баровардан ва ҳамчун давлати мустақил таъсис додани Тоҷикистон, ҳамчунин, ба Тоҷикистон баргардонида шудани Хуҷанд, Бухоро, Самарқанд, Сурхон ва дигар минтақаҳои тоҷикнишин мубориза сар карданд. Муборизаи онҳо, албатта, ғоявӣ буд ва аксаран дар номаҳои онҳо, ки ба унвони ниҳодҳои дахлдор, бавижа сарвари вақт Сталин ирсол шудаанд, инъикос меёбад.

Яке аз чунин номаҳои сарнавиштсоз номаи Ширишоҳ Шоҳтемур аст. Дар бораи аҳамияти таърихии ин мактуб, ки аввалин номаи халқи тоҷик ба номи сарвари Шӯравӣ аст, пажӯҳишгарону равшангарони тоҷик бисёр навиштаанд ва таҳлили онҳо маҷоли бештар мехоҳад. Матни пурраи он дар поён бо забони тоҷикӣ (чун нома аслан русӣ аст) бори дигар бознашр мешавад, то асли масъалаҳо рӯшан шавад.

Матни тоҷикии нома бори аввал 7-уми декабри соли 1989 дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» бо тарҷумаи Қамчинбек Насруллобеков ва Қурбон Аламшоев интишор ёфт. Чӣ тавре ки Қурбон Аламшоев дар суҳбат бо мо изҳор дошт, чопи ин нома ба забони тоҷикӣ осон набудааст.

Номаи аслӣ бо ду замимаи он дар бойгонии ҳизбии Институти таърихи Партияи коммунистии Тоҷикистон, дар фонди рақами 1, номгӯи 1, делои 925 нигаҳдорӣ мешавад. Қамчинбек Насруллобеков ва Қурбон Аламшоев баъди омӯзиши мактуб ба хулосае омадаанд, ки Ширишоҳ онро 25-уми майи соли 1925 иншо намуда, ҳангоми яке аз сафарҳояш ба Москва ба Кумитаи Марказии ҳизб (КМ ВКП (б) супурдааст. Аз Москва то Душанбе нома бидуни визаи Сталин расидааст ва аз ин тахмин задаанд, ки шояд онро худи доҳӣ нахондааст. Аммо як чиз равшан аст: «Мактубро корманди КМ ВКП (б) Б. Кулбешеров мутолиа карда, 25-уми июни соли 1926 ба Сотсков ном шахси дигар фиристода, хоҳиш кардааст, ки Бюрои Осиёмиёнагии КМ ВКП (б)-ро пурсанд, ки доир ба ин масъала чӣ кор кардааст». Чӣ чора андешидааст, равшан нест, аммо 7-уми июли соли 1926 он ба бойгонӣ супурда шуд. Таҳлилу баррасии муҳимтарин паҳлуҳои нома барои имрӯзиён зарур мебошад.

**Ҳоло ба муҳимтарин бахшҳои нома ишора мекунему бас:**

*1. Ширишоҳ Шоҳтемур нахустин фарди сиёсии Тоҷикистон аст, ки бори аввал тоҷик будани аксари мардуми Осиёи Марказӣ, ҳатто Афғонистон, Ҳиндустон ва Хитойро ба Иттиҳоди Шӯравӣ ёдовар мешавад ва ҳифзи ҳаққу ҳуқуқҳои онҳоро талаб мекунад.*

*2. Ба истифодаи забони тоҷикии порсӣ ҷорӣ шудани маҳдудиятҳои ғайриқонуниро гӯшзад менамояд: «Дар республикаи Бухоро ҳаштсаду ду ҳазор тоҷикон ва дусад ҳазор қирғиз зиндагӣ мекард. Қирғизҳо мактаби худ ва ба ҷуз ин, дар назди КИМ Бухоро шуъбаи қирғизӣ доштанд. Тоҷикон бошанд, аз ҳуқуқи ба забони модариашон гап задан маҳрум буданд».*

*3. Ба масхара кашида шудани масъалаи мавҷудияти тоҷикро аз тарафи пантуркистон ошкоро менависад: «Забони тоҷикӣ баъди тақсими Осиёи Миёна ба таъқиби боз ҳам бераҳмонатар дучор шуд. Дар вақти тақсимоти миллӣ - территориявӣ, моҳи августи соли 1924 собиқ ТуркЦИК дар пленуми охиронаш намоишкорона иқрор гашт, ки дар Туркистон халқияти тоҷик вуҷуд доштааст».*

*4. Ба масъалаи матбуоти тоҷик таваҷҷуҳи сарсарӣ кардани зимомдорони вақтро таъкид мекунад: «Моҳи сентябри ҳамин сол (1924) дар шаҳри Самарқанд нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» оғоз ёфт, вале паҳншавии он ба таври ғайрирасмӣ манъ мешавад».*

*5. Бо таҳлил нигаронии шадид аз таълим бо забони тоҷикӣ мекунад ва ташкили ичбории курсҳои омодакунии омӯзгорон - кадрҳои таълимдиҳанда дар Самарқандро барои тоҷикон саҳнае беш намедонад: "... Вақте ки муаллимон ин курсҳоро хатм карда, ба зодгоҳашон баргашта, тадрисро ба забони модариашон оғоз намуданд, онҳоро ба таъқибкунӣ оғоз карданд ва охирон бо ҳар гуна таҳдид таълимро ба забони тоҷикӣ манъ намуданд».*

Дар маҷмуъ, ин номаи Ширишоҳ Шоҳтемур - Қаҳрамони Тоҷикистонро оинаи тамомнамои сиёсати пуртаззоди давр медонам. Ҳатто ба Сталин навиштани чунин хитоба дилу гурдаи рустамона мехост, ки офаринаш бод: "Чунин таъқиботи забони тоҷикӣ аз тарафи ташкилотҳои партиявии маҳаллӣ дар шуури тоҷикон нисбат ба Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ дар масъалаи миллӣ тасаввуроти нодурусте пайдо мекунад".

Садо баланд кардани Ширишоҳ Шоҳтемур дар он замон баробари марг буд ва ӯ ҳамчун собиқадори мақомоти ҳизбӣ ва советӣ оқибати меҳандӯстиву миллатпарастиашро медонист, аммо хомӯш буда наметавонист. Хомӯшӣ ва бетарафӣ ба ӯ бегона буд. Ин аст, ки то вопасин нафас ба рисолати худ содиқ монд ва дар 37-солагӣ баъди хиёнату иғвоҳои душманони худиву бегона дар Москва парронда шуд.

**Бузургмеҳри БАҲОДУР, узви ИНТ**

## НОМА БА И. В. СТАЛИН

*Дар бораи мавқеи маданӣ-сотсиалӣ ва иқтисодии Тоҷикистон дар хоки республикаи Ӯзбекистон*

**Нусхааш ба Бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) рафиқ Зеленский ва зершуъбаи ақаллиятҳои миллии КМ ВКП(б)**

Баъди аз рӯи нишонаҳои миллӣ ва территориявӣ ҷудо кардани Осиёи Миёна дар хоки республикаи Ӯзбекистон қатори дигар миллатҳо тахминан ҳаштсад ҳазор тоҷикон монданд, ки бо халқиятҳои Ӯзбекистон алоқамандии наздик доранд. Дар замони мавҷудияти республикаи сотсиалистӣ ва дастурҳои мутобиқи Партияи Коммунистӣ оид ба масъалаи миллӣ, шояд ба ёд овардани масъалаи мазкур ва талаб кардани диққати асосӣ нисбат ба ин гурӯҳи аҳолии тоҷик аҷиб намояд, вале ин чизро мавкеи имрӯзаи онҳо тақозо дорад. Ман вазифаи худ мешуморам, ки дар ин гуна гузориш диққати Комитети Марказии ВКП(б)-ро ба як қатор ҷиҳатҳои масъала ҷалб намоям.

Аз тасвири мавқеи тоҷикон дар территорияҳои собиқ республикаи Туркистон ва Бухоро то саршавии тақсимот ибтидо мегирам. Аз аввал худи мавҷудияти тоҷикон, ба ғайр аз тоҷикони территорияи Бадахшони Кӯҳӣ - Помири Ғарбӣ инкор мешуд (нигаред ба газетаҳои ӯзбекии "Зерфишон" ва "Туркистон", моҳҳои декабр, январ ва феврали соли 1924). Ин чиз хатто дар вақте, ки шуморан тоҷикон аз рӯи маълумоти расмии статистикӣ дар хоки республикаи Туркистон то шашсад ҳазор нишон дода шуда буд, вуҷуд дошт. Дар территорияи ҳамин Туркистон аз рӯи маълумоти мазкур туркманҳо дусаду навад ҳазор буданд, вале имкон доштанд, ба забони модариашон адабиёт бароваранд, мактабҳои худро дошта бошанд. Тоҷикон аз ҳамаи ин маҳрум буданд.

Дар республикаи Бухоро ҳаштсаду ду ҳазор тоҷик ва дусад ҳазор қирғиз зиндагӣ мекард. Қирғизҳо мактаби худ ва ба ҷуз ин дар назди ШИМ-Бухоро шуъбаи қирғизӣ доштанд. Тоҷикон бошанд, аз ҳуқуқи ба забони модариашон гап задан маҳрум буданд. Забони онҳо забони амирӣ ҳисоб меёфт. Ҳарчанд худи амир ӯзбек буд, дар аморати ӯ ҳам тоҷикӣ ҳамчун забони мутамаддин ва адабӣ, ки на танҳо дар Осиёи Миёна, балки дар кишвари Форс, Афғонистон ва Ҳиндустон низ интишор ёфтааст, ба сифати забони давлатӣ ҷорӣ буд. Ин чиз охир, далели беамаъни, пуч ва ҷоҳилона аст, мисли таъқиби забони русӣ дар Россияи баъдиинқилобӣ бо баҳонаи он, ки ин забон забони давлатии ҳукумати подшоҳии Николайи II буд.

То тақсимот бардоштани ин масъала бемавкеъ буд, зеро вақт ҳам барояш кофӣ набуд: ҳам босмачигарӣ, ҳам ҳолати умумии мамлакат ва дар охир чараёнҳову гурӯҳҳои дар байни халқиятҳои ин республикаҳо вуҷуддошта садди роҳ мешуданд. Дар ин замон ӯзбекҳо дар мактабҳои тоҷикӣ таълиму тадрисро ба забони ӯзбекӣ сар карданд, ҳарчанд забони тоҷикӣ ба андозаи кофӣ мутамаддин буда, адабиёти ғание дорад. Аз ин вақт сар карда, тоҷикон аз имконияти ба забони модарӣ таҳсил кардан бебаҳра монданд.

Чунин ҳолат пурра ба назарияҳои доираҳои панисломӣ, пантуркистӣ ва панӯзбекӣ, зиёёну рӯҳониёни ҳозираи ӯзбек мутобиқат мекард ва мутобиқат мекунад.

Ҳалли масъалаи тоҷик барои тамоми Иттифоқи РСС аҳамияти калонеро дорост. Зеро ба ҷуз Осиёи Миёна тоҷикон қисмати бузурги сокинони давлатҳои ҳамсояро (Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, ниг. Замимаи 1) ташкил медиҳад. Аммо Партияи коммунистии Ӯзбекистон ба масъалаи тоҷик вақт ҷудо намекунад, чаро, ки худи ташкилотҳои партиявии Ӯзбекистон қисман аз унсурҳои дар зери таъсири доираҳои шовинистӣ монда иборатанд. Ин тавр муомилаи ташкилотҳои маҳаллӣ нисбат ба масъалаи тоҷик хавфноку хатарнок аст.

Агар мо чунин таҳлиле гузаронем, фикрамон боз ҳам маҳфум мешавад: Республикаи автономии Тоҷикистон Кӯҳистони собиқ Бухорои Шарқӣ-Кӯҳистони Бадахшон (Помири Ғарбӣ) ва баъзе районҳои собиқ вилояти Самарқандро муттаҳид месозад. Ин қисмати аҳолии тоҷик асосан ба деҳқонӣ машғул буда, ҳам аз рӯи тарзи зиндагӣ, ҳам аз рӯи иқтисодиёт, як дараҷа ақибмонда аст. Тоҷикони нисбатан муттамаддин ва муташаккил (аҳолии шаҳр, одамони машғул ба савдо, саноат, ҳунармандӣ ва зиёиёни меҳнат) ҳамаашон дар территорияи Ӯзбекистон мемонанд (ниг. Замимаи 2). Ҳол он ки, кӯшиш маҳз ба он аст, ки ҳамин қисми аҳолии тоҷикро бо роҳҳои гуногуни вахшиёнаи фишори маъмурӣ ва худсарии шовинистона ӯзбек кунонанд. Аз ин ҷо пайдост, ки чунин вазъи номуътадил маҳз байни тоҷикон аксуламал (реаксия) ва болохезии ҷавобии шовинистона ва дар қисми маълуми ташкилотҳои маҳаллӣ ҳар гуна зуҳуроти зиддисоветӣ ва зиддипартиявиро ба вуҷуд меорад.

Забони тоҷикӣ баъди тақсими Осиёи Миёна ба таъқиби боз ҳам бераҳмонатар дучор шуд. Дар вақти тақсимоти миллӣ-территориявӣ, моҳи августи соли 1924 собиқ ТуркЦИК дар пленуми охиронаш бо тадиқи намоишкоронае

# ТАЛАБИ ҲАҚИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

икрор гашт, ки дар Туркистон халқияти тоҷик вуҷуд доштааст ва қайд шуд, ки барои хизматрасонӣ ба он таъсиси институти педагогӣ зарур аст. То охири моҳи декабри соли 1924 ин институт дар Тошканд ташкил ёфт. Феълан дар ин ҷо 171 нафар таҳсил мекунанд. Аз рӯзи кушодашавӣ алакай ду сол гузашта бошад ҳам, донишгоҳ танҳо ду синфхонаи хурдакаке дорад, ки дар онҳо бояд корашро пеш барад. Институт барои тоҷикони республикаи Ӯзбекистон кушода шуда, таъминоташро Ӯзбекистон ба уҳда дорад.

Моҳи сентябри ҳамин сол дар шаҳри Самарқанд нашри рӯзномаи "Овози тоҷик" оғоз ёфт, вале паҳншавии он ба таври ғайрирасмӣ манъ мешавад. Эътирофи мавҷудияи тоҷикон дар хоки Ӯзбекистон, кушодани институт ва нашри рӯзнома қабл аз тақсимот, мақсади дигаре набуд, чуз куштани шавқи дилкашоли тоҷикони вилоятҳои Фарғона ва Самарқанд нисбат ба Тоҷикистон. Чунончи, вақте ки Калинин соли 1924 ба вилояти Фарғона омада буд, тоҷикони Конибодом ба пешвозаш баромада, хоҳиш карданд, ки онҳоро ба Тоҷикистон ҳамроҳ кунанд. Дуруст аст, ки хоҳишашон иҷро нагардид (ба ин зарурият набуд), вале районашонро минъбад райони тоҷикии республикаи Ӯзбекистон меномиданд. Аз он вақт ду сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз дар ҳамаи мактабҳои ин район дарсдиҳӣ ба забони ӯзбекист, ҳарчанд бачаҳо ин забонро билкул намедонанд. Аз замони тақсимот дар миёни тоҷикон норозигиҳо ба вуҷуд меоянд: онҳо ҳуқуқҳои миллиашонро ҳимоя мекунанд. Дар бисёр районҳо аз тарафи аҳолӣ чандин маротиба масъалаи гузариш ба таълим ба забони модарӣ дар пеши шуъбаҳои маорифи халқ ва ҳатто комиссариати маорифи Ӯзбекистон гузошта шуд. Аммо ин кӯшишҳо бехосил монданд ва монда истодаанд. Вокеахое буданд, ки аҳолӣ бо фишордиҳии гуногуни маъмурӣ лаб фурӯ мебаст.

Ҳамин тавр, дарсдиҳӣ ба забони модарӣ, таълими забони модарӣ на фақат дар мактабҳои тоҷикӣ, ки аз ҳисоби давлат ва буҷети маҳаллӣ амал мекунад, манъ аст, балки дар мактабҳое, ки дар асоси воситаҳои аз заминҳо ва молу мулки ташкилотҳои динӣ (вақфӣ) вуҷуд доранд, иҷозат дода намешаванд.

Соли 1925 бо талаби боисрори тоҷикон дар шаҳри Самарқанд курсҳои чормоҳаи тайёр кардани муаллимон кушода шуданд. Вақте ки муаллимон ин курсҳоро хатм карда, ба зодгоҳашон баргашта, тадрисро ба забони модариашон оғоз намуданд, онҳоро ба таъқибкунӣ сар карданд ва охирон бо ҳар гуна таҳдид таълимро бо забони тоҷикӣ манъ намуданд. (Аризаи муаллим Қулихон Осимзода). Ахиран рафиқ Иванов - котиби масъули Партияи комунистии Ӯзбекистон дар Пленуми охирини (ноябри соли 25) ҳайати аввали Комитети Марказии ПК(б) Ӯзбекистон дар нутқаш қайд намуд, ки коркунони ӯзбек дар вилояти Зарафшон (собиқ Бухоро) бо ҳар роҳ тоҷиконро танг карда, ҳатто намегузоранд, ки бо забони модариаш ҳарф зананд.

Чунин таъқиботи забони тоҷикӣ аз тарафи ташкилотҳои партиявии маҳаллӣ дар шуури тоҷикон нисбат ба Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ дар масъалаи миллӣ тасаввуроти нодурусте пайдо мекунад.

Барои ташреҳи муносибати ташкилотҳои партиявӣ чунин воқеаро меорем: 15-уми марти соли 1926 ба мавҷудияти республикаи мухтори Тоҷикистон як сол пур шуд. Дар ин рӯз намояндагии иқтисодии республикаи номбурда ба шарафи яксолагии бунёдёбии Тоҷикистони мухтор маҷлиси тантанавӣ орост, ки ба он намояндагони муассисаҳои гуногун, коргарони тоҷики заводи Тошканд ва донишҷӯёни ҷавони тоҷики шаҳри Тошканд даъват гардиданд. Маҷлис ба забони ӯзбекӣ оғоз гардида, бо ҳамин забон бурда шуд. Байни тоҷикон шӯру валвала барпо гашт, чаро, ки аксари онҳо забони ӯзбекиро намефаҳмид. Барои ҳамин талаб мекарданд, ки маҷлис ё ба лисони тоҷикӣ ё ба лисони русӣ бурда шавад. Охири охирон чаласа ба намоиши зидди Ӯзбекистон табдил ёфт. Баъди чунин мочаро директори институт бо айби нодуруст тарбия кардани донишҷӯёни тоҷики донишгоҳ, ки дар маҷлис ширкат мекарданд, иваз шуд. Яке аз донишҷӯёни тоҷики Университети коммунистии Осиёи Миёна, ки дар намоиш ҳузур дошт, барои ҷавобгарии партиявӣ ба муҳокимаи комиссияи назоратии вилояти Тошканд супурда шуд. Шояд ин донишҷӯро аз сафи ҳизб хориҷ намуданд, боз дигару дигарон ҳам хориҷ мешаванд, вале, охир, решаҳои масъалаи миллӣ ҳанӯз ҳам дарунтар меравад ва бо хориҷ кардани якчанд руфақо масъала ҳал намегардад. Бигӯем, ки қисми зиёди ин бархӯрдориҳои дар замони Ҳукумати Советӣ ба назар аҷиб то андозае ба ҳодисаҳои ногузири баландшавии савияи шуури миллии ҳам ӯзбекҳо, ҳам тоҷикон вобастаанд. Вале аз тарафи дигар чораҳи ҳамаи инро ба роҳи софдилона иҷро кардани оддитарин талаботи сиёсати миллии партия бартараф кардан осонтар аст, нисбат ба дохил кунондани тафаккури миллӣ ба тарики советӣ. Ҳақиқатан ҳам аҳвол чунин аст, ки заҳри зиддияти (антагонизми) байналмилалӣ оммаи меҳнатро олуда месозад ва арбадаю харҳашаи байни миллатҳо такомули шуурнокии миллиро бозмедорад.

Фикрҳои иншошударо ба асос гирифта, аз Комитети Марказии Партияи Коммунистии Умумииттифоқии болшевикӣ хоҳиш мекунам, ки ба масъалаи тоҷик диққати ҷиддӣ диҳанд ва барои ин чунин дархостҳоро пешниҳод мекунам:

*1. Муқаррар бояд кард, ки оид ба хизматгузории маданӣ-миллии тоҷикони Ӯзбекистон аз тарафи Партияи коммунистии Ӯзбекистон қариб ки коре сомон дода нашудааст.*

*2. КМ ВКП(б) Бюрои Осиёимиёнагии ВКП(б)-ро даъват кунад, ки ба кори байни ақаллиятҳои миллии Осиёи Миёна, хусусан тоҷикони Ӯзбекистон аҳамият диҳад.*

*3. Бо мақсади нисбатан пурра ва ҳаматарафа равшан кардани масъалаи тоҷик дар Ӯзбекистон аз байни аъзои КМ ВКП(б) комиссия таъсис дода, ба он супурда шавад, ки тадбирҳои асосие, ки онҳоро ҳам бо роҳи сохтмони партиявӣ ва ҳам советӣ барои таъмини манфиатҳои оммаи меҳнаткаши тоҷик дар соҳаи мактаб, суд ва ғайраву ҳоказо гузаронидан мумкин аст, ба қайд гиранд.*

**Шохтемур**
**Узви ВКП(б)**
**Майи соли 1926, ш. Москва**

**ЗАМИМАИ №1**

Сокинони Осиёи Миёна тоҷикон (халқияти аслаш эронӣ, ки ба забони форсӣ гап мезананд) ҳисоб меёбанд.

Дар Осиёи Миёна теъдоди онҳо аз рӯи маълумоти расмӣ якуним миллион аст. Ғайр аз Осиёи Миёна онҳо дар ҷо-ҷои территорияи Хитой (Қошғар), Сарикул, Хутан, Ёрканд (охиронаш гаҳвораи ориёнҳо, ки тоҷикон низ ба он дахл доранд, ба шумор меравад) маскунанд. Онҳо инчунин дар қисми шимолии Ҳиндустон муқим буда, ғайр аз ин қисмати мусулмонони Ҳиндустон низ ба ҳамин забон гап мезанад. Дар хоки Афғонистон аз кӯҳҳои Ҳиндукуш (сарҳади Помир) сар карда Бадахшони Кӯҳистон, Бадахшони ҳамворзамин, Хонобод, Балх, Қандаҳор, Қундуз то сарҳади Ғарбӣ ба ин забон ҳарф мезананд. Чуз ин забони давлатии Афғонистон ва Эрон ҳам ҳамин забон аст.

**ЭЗОҲ**: Шаҳодатнома аз маводҳои таърихӣ ва этнографӣ гирифта шудааст.

**ЗАМИМАИ №2**
**Рӯйхати калонтарин шаҳрҳо, районҳо, деҳаҳои хоки Ӯзбекистон, ки аҳолиашон тоҷик аст:**

**Вилояти Самарқанд**

Шаҳрҳои Самарқанд ва Хуҷанд, районҳои Маҷурм, Темурқавук, Устук, Сарофидин, Ухум, Фориш, Хишрай, Пайшанбе-Сеоб, Маҳалла, Баши Пепи, Боғи Баланд, Матрид, Сӯфиён, Тарранчон, Чағизмон, Хаймон, Хоҷа Аҳрор, Русон, Унчин, Шайх Бурхон, Кислак, Исфара, Бешканд, Уралский, Чочқулоқ ва деҳаи Камонгарон.



**Вилояти Фарғона**

Исфара, Конибодом, Қозӣ, Яккатут, Қарақчиқум, Маҳрам, Риштон, Кӯҳи Риштон, Юколи Риштон, Сух, Роиҳ, Ашт, Бобо, Дархон, Бӯстон, Варзин, Косон, Шамсикӯл, Тошкар, Қукбой, Кундачав, Юкори Чадак, Чуст, Наараб-теппа, Чокхолматдодхоҳ, Вакуф, Исододхоҳ, Ахволи Тоҷик, Паски, Учқӯрғон, Юкори Учқурғон, Лаган, Арсифр, Суфон, Валӣ, Қошқарӣ, Тоҷикӣ, Мирзообод, Бурболӣ, Кафтархона, Холдевонбегӣ, Қаротеппа, Алмос (дар се вилояти собиқ Республикаи Бухоро маълумот фақат дар бораи шаҳрҳост, он ҳам пурра не ва махсусан: шаҳри Бухоро, Нурато, Зеробод, Шеробод, Бойсун, Дарбанд, Сариосиё, Лайдакон, Шӯроб, Деҳи Боло, Вандоб, Зарабоғ, Вамар, Сина, Шаҳид, Панчоб, Почур, Миримирон, Хушбоғ, районн Косон, Бангарзӣ, Қамари Боғ, Деҳнави Боло, Ҳисорак, Ости-Дектиюр, Шерҷон, Қурғонча ва Оби Канда).

*(Аз архиви Институти таърихи Партияи коммунистии Тоҷикистон, дар фонди рақами 1, номгӯи 1, делои 925)*

**ГУЗОРИШНОМА**
**Ба Шуъбаи ташфиқу тарғиботи КМ РПК(б)**
**(Зершуъбаи ақаллиятҳои миллӣ, архиви партиявии Институти таърихи Партияи коммунистии Ӯзбекистон (ш. Тошканд) дар фонди 60, номгӯи 1, делои 4838)**

Қатори дигар халқҳо тоҷикон қисмати бузурги аҳолии Осиёи Миёнаро ташкил кунанд ҳам, то ҳанӯз аз хизматрасонии матбуот бархӯрдор нестанд. Қисми ақалли тоҷикони ҳамворзамини Туркистон, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд, ӯзбекӣ ва русиро медонанд, боқимондаҳо рустой ва кӯҳистониён чуз лисони тоҷикӣ (форсӣ) дигар забонҳоро намедонанд. Аз нигоҳи марз (территория) ва дар асоси рӯйхатгирии соли 1921 тоҷикон чунин ҷойгир шудаанд: дар республикаи Бухоро 802 000, дар Помири Ғарбӣ 21 500, дар республикаи Туркистон 403 000 нафар. Ғайр аз ин, бо забони тоҷикӣ дар мамолики ҳамҷавор низ ҳарф мезананд. Чунончи дар Афғонистон зиёда аз миллион нафар тоҷик зиндагӣ карда, забони давлатиашон тоҷикист. Бидуни ин қабилаҳои шимолии Ҳиндустон (сарҳад) низ ба ҳамин забон такаллум мекунанд; қисми сарҳадии Хитой (сарикӯл)-ро низ тоҷикон маскан гирифта, тамоми Эрони Шарқӣ - гахвораи тоҷикон ҳамчунин бо ҳамин забон гап мезананд. Бад-ин минвол муҳимият ва аҳамияти ин забонро сарчашма гирифта, зершуъбаи ақаллиятҳои миллии КМ ПК Туркистон зарур шумурд, ки ба ин забон барои сухани чопӣ рӯзномае, ки ҳаёти рӯзмарраро равшан инъикос кунад, нашр шавад. Он алакай аз 25-уми моҳи августи ҳамин сол баромада истодааст. Вале бо вуҷуди набудани васоит рӯзнома фақат як бор дар як ҳафта мебарояд, ки харгиз қобили ниёзи мардум нест. З-ш ақаллиятҳои миллӣ, зарур мешуморад, ки газета агар ҳамарӯза не, лоақал ҳафтае се маротиба интишор гардад. Барои ин з-ш ақаллиятҳои миллӣ ба шумо панҷ шумораи аввалини ин рӯзномаро ирсол фармуда, ақаллан дар давраи аввал, то пойдору мустаҳкамшавии он дар соли бюҷетии 24-25-и КМ РПК(б) ба баровардн (сметаи) газетаҳои ақаллиятҳои миллӣ дохил кунонидани онро зарур мешуморад.

Ғайр аз ин, з-ш ақаллиятҳои миллӣ бо асосдошти фикрҳои боло кори сусти Нашриёти давлатии Осиёи Миёнаро, ки аз уҳдаи таъмини тамоми халқиятҳои Осиёи Миёна намебароянд, ба назар гирифта, ёрӣ металабад, ки масъалаи нашри теъдоди муайяни китобҳои сиёсӣ ва дарсӣ ба забони тоҷикӣ тавассути нашриёти Марказии халқҳои СССР ҳал шавад.

**Мудири шуъбаи з-ш**
**Ақаллиятҳои миллии КМ ПКТ**
**Богод (имзо)**
**Инструктори з-ш ақаллиятҳои миллӣ**
**Шохтемур (имзо)**

## ФУТБОЛ

# «ИСТИҚЛОЛ» БОЗ ИМТИЁЗҲОЯШРО АФЗУН КАРД

**Дар вохӯрии марказии даври 10-уми Лигаи олии футболи Тоҷикистон дастаҳои пешсафи чемпионат «Истиқлол» ва Клуби марказии варзиши артиш бо ҳам бозӣ карданд.**

Дар дербии Душанбе «Истиқлол» бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд ва имтиёзҳояшро аз КМВА 3 хол зиёд карду дар садри ҷадвал боқӣ монд.

Дастаи «Хуҷанд» пас аз се мусовии пайиҳам ғалаба ба даст овард. Хуҷандиҳо «Вахш»-ро дар майдони худ бо ҳисоби 2:0 ноумед карданд.

«Ҳосилот» ғалабаи сеюми худро дар мавсим дар майдонаш ба қайд гирифт. Ин навбат фархориҳо дастаи «Истаравшан»-ро мағлуб карданд. Бозӣ бо ҳисоби 3:1 ба охир расид.

«Панҷшер» баъди ғалаба худро аз таххонаи ҷадвал раҳо кард. «Баркчӣ» буд, ки аз ин даста бо ҳисоби 1:3 дар майдони худ мағлуб шуд.

«Эсхата» пирӯзии бузургтарини худро дар мавсим ҷашн гирифт. Ин даста ба дарвозаи «Кӯктош» 7 голи беҷавоб зад.

«Равшан» бо ҳисоби камтарин дар сафар муқобили «Регар-ТадАЗ» ғалаба ба даст овард - 1:0.



ҶАДВАЛИ ЛИГАИ ОЛӢ
Пас аз даври 10-ум

| | | Б | F | И |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Истиқлол | 8 | 8 | 24 |
| 2 | КМВА | 10 | 6 | 21 |
| 3 | Регар-ТадАз | 10 | 5 | 17 |
| 4 | Равшан | 10 | 4 | 17 |
| 5 | Хуҷанд | 10 | 4 | 16 |
| 6 | Ҳосилот | 10 | 4 | 15 |
| 7 | Эсхата | 10 | 4 | 14 |
| 8 | Истаравшан | 10 | 3 | 12 |
| 9 | Вахш | 10 | 3 | 9 |
| 10 | Панҷшер | 9 | 2 | 7 |
| 11 | Баркчӣ | 9 | 1 | 5 |
| 12 | Куктош | 10 | 1 | 4 |

## ТРАНСФЕР

# ДАРВОЗАБОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН РУСТАМ ЯТИМОВ БА ДАСТАИ «РОСТОВ» ГУЗАШТ

**Клуби футболи «Истиқлол» ва намояндаи Премйер лигаи футболи Русия, клуби футболи «Ростов» аз трансфери дарвозабони дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Рустам Ятимов хабар доданд.**

Дар хабар гуфта мешавад, ки Рустам Ятимов ба дастаи Ростови соҳили Дон, ки онро мураббӣ Валерий Карпин роҳбарӣ мекунад, гузашт. Маблағи трансфери дарвозабон расман эълон нашудааст, аммо тахмин меравад, ки зиёда аз 250 000 долларро ташкил медиҳад, ҳарчанд Transfermarkt арзиши ин бозигарро 1,2 млн доллар муқаррар кардааст.



Рустам Ятимов аз тобистони соли 2018 дар ҳайати «Истиқлол» ҳунарнамоӣ мекард, ки дар 92 бозии ин даста ширкат карда, дар 39 бозӣ ба дарвозаи худ гол сар надодааст. Дар ин муддат бо ин даста шаш бор чемпиони Тоҷикистон, чор бор соҳиби Ҷоми Тоҷикистон ва Суперҷоми Тоҷикистон шудааст. Бо ин даста ба марҳилаи хаштякфинали Лигаи чемпионҳои КФО-2021 роҳхат гирифта буд.

Рустам Ятимов дарвозабони асосии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон аст, ки дар 44 бозии даста ширкат кардааст.

## ҶОМИ АВРУПО

# МАРҲИЛИ ФИНАЛИИ ҶОМИ АВРУПО-2024 БО ШИРКАТИ 24 ДАСТА ШУРУЪ ШУД

**16-уми июн дар кишвари Олмон бо ширкати 24 дастаи беҳтарини қораи Аврупо марҳилаи финалии Ҷоми Аврупо-2024 оғоз шуд. Дар ҳамаи 6 гурӯҳ вохӯри якуми гурӯҳии марҳилаи финалӣ баргузор шуд.**




Бозии аввалини Ҷоми Аврупо-2024 байни дастаи мизбон - Олмон ва Шотландия дар гурӯҳи «А» баргузор шуд. Олмониҳо дар ин бозӣ 6 гол заданд - 5 гол ба дарвозаи ҳариф ва 1 гол ба дарвозаи худ. Бозӣ бо ҳисоби 5:1 ба охир расид. Дар ин гурӯҳ Швейцария бо ҳисоби 3:1 Маҷористонро шикаст дод.

Дар гурӯҳи «В» Испания бо натиҷаи 3:0 Хорватияро мағлуб кард ва Италия бо ҳисоби 2:1 бар Албания пирӯз шуд.

Дар гурӯҳи «С» Англия бо ҳисоби камтарини 1:0 Сербияро шикаст дод. Дар бозии байни дастаҳои Дания ва Словения мусовӣ ба қайд гирифта шуд - 1:1.

Дар гурӯҳи «D» Нидерландия тавонист бар Лаҳистон пирӯз шавад. Ҳисоби 2:1 ба қайд гирифта шуд. Фаронса дар ҳамин гурӯҳ бо Австрия бозӣ кард ва бо натиҷаи 1:0 дастболо шуд. Голро австрягиҳо ба дарвозаи худ заданд.

Дар гурӯҳи «Е» ғайричашмдошт Руминия бо ҳисоби бузурги 3:0 бар Украина ғолиб омад ва Белгия аз Словакия бо натиҷаи 0:1 мағлуб шуд.

Дар гурӯҳи «F» Португалия бар Чехия бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд ва Туркия Гурҷистонро бо ҳисоби 3:1 шикаст дод.

## РЕЗААХБОР

4 варзишгари тоҷик дар рӯзи аввали Бозиҳои варзишии кишварҳои BRICS-2024 дар намуди самбо қувва озмуда, 2 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Дар вазни 64 кг Сорбон Латифов ва дар вазни 79 кг Деваштич Убайдӣ барандаи медали биринҷӣ шуданд. Масъуд Қуканшоев ва Муҳамадисо Раҷабов ҷойҳои 5-умро ишғол карданд. Ин бозиҳои варзишӣ 4000 варзишгарро аз 100 кишвари олам ба ҳам меоранд. Онҳо аз 12 то 23-юми июн барои ҷойҳои ифтихорӣ аз рӯи 27 намуди варзиш дар 17 иншооти варзишии шаҳрҳои Қазон ва Маскав байни ҳам рақобат мекунанд.

***

Рақобати Наимов ва размикори арманӣ Мелсик Багдасарян мебоист рӯзи 22-юми июн дар шаҳри Риёз баргузор гардад, вале ҳарифи ӯ ба иллати ҷароҳат бардоштан аз мусобиқа даст кашидааст. Зимнан, UFC зуд барои размикори тоҷик рақиби нав ёфт. Ҳарифи навбатии ӯ Фелипе Лимаи бразилӣ аст, ки аз 13 рақобат 12 пирӯзӣ ва ҳамагӣ як бохт дорад.

***

Аз 21 то 29-уми сентябри имсол дар Душанбе марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2025 (U-20) баргузор мегардад. Ҷавонони Тоҷикистон дар гурӯҳи «Е» бо дастаҳои Уммон, Малайзия, Шри-Ланка ва Курияи Шимолӣ бозӣ мекунанд. 10 дастаи ғолиби гурӯҳ ва 5 дастаи беҳтарини зинаи дуюм ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2025 роҳхат мегиранд. Марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2025 байни дастаҳои ҷавонони то 20-сола аз 6 то 23-юми феврал дар Чин баргузор мешавад.

***

Комиссияи литсензиякунонии ФФТ пас аз санҷиши навбатии варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан ба қароре омад, ки рӯи камбудиҳои варзишгоҳ роҳбарияти даста корбарӣ накарда, вазъи варзишгоҳ ва майдон ба талаботҳои асосии иншооти бозиҳои Чемпионати Тоҷикистон ҷавобгӯ нест. Дар натиҷа комиссияи махсуси Федератсияи футболи Тоҷикистон ба хулосае омад, ки то ислоҳ шудани ҳамаи камбудиҳои мавҷуда варзишгоҳи хонагии бошгоҳи “Истаравшан” баста шавад.

# КУШТОРИ НАВ ДАР КОНИБОДОМ

**Дар шаҳри Конибодом боз ҷинояти одамкушӣ ба қайд гирифта шуд. Раёсати ВКД дар вилояти Суғд бо нашри гузорише дар ин бора хабар дод.**



Зикр мешавад, ки кормандони милитсияи шаҳри Конибодом 2-юми июни соли 2024 дар кӯчаи Бобокалонов як ҷинояти одамкуширо ошкор кардаанд. Гумонбар Фаридун Абророви 41-сола, сокини шаҳри Конибодом падараш Қосим Абророви 76-соларо ба қатл расонидааст.

Дар навор гумонбар дар даст завлона ба ҷинояти кардааш иқрор шуда, мегӯяд, ки "маст будам ва намедонам як ё ду корд задам. Падарам гуфт хуни дастонатро шуста биё. Ман то омадани мошини Ёрии таъҷилӣ бо падарам гап зада нишастам, то хобаш набарад".

Таъкид мешавад, ки Фаридун Аброров дар пайи мунокишаи оилавӣ падарашро бо зарби корд ба ҳалокат расонидааст.

Айни ҳол нисбати Фаридун Аброров тибқи моддаи 104-и КҶ ҶТ парванда оғоз шуда, номбурда дар ҳабси пешакӣ қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки аз моҳи март то имрӯз танҳо бо ҳисоби мақомот 5 куштори оилавӣ дар шаҳри Конибодом рух дод, ки дар натиҷа 15 нафар кушта шуданд. Кушторҳои пайдарпайи оилавӣ дар шаҳр ва ошкор нашудани ин ҷиноятҳои махсусан вазнин мардумро ҳаросзада кардааст. Мақомоти кишвар то ҳол дар мавриди кушторҳои мармуз шарҳе надодааст.

# АЗ ҚАЛЛОБОН ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

**Давоми чанд рӯзи охир як қатор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мардумфиребии афроди ношинос ба мақомоти милитсия муроҷиат намудаанд, ки аз рӯйи шаклу усули содиршавӣ, ҳамаи онҳо яксон мебошанд.**



Кормандони мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе дар натиҷаи амалисозии як қатор чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муайян намудаанд, ки аз хориҷи кишвар як гурӯҳи муташаккили ҷинояткорони интернетӣ ба ин кор машғуланд, ки се нафар ҳаммаслакони онҳо дар шаҳри Душанбе дастгир карда шудаанд.

Ин гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияи навин рақамҳои телефони мобилии шаҳрвандонро дастрас намуда, бо шаҳрвандон дар тамос шуда, дар бораи ба садама ва дигар фоҷиа гирифтор шудани фарзандонашон хабарҳои бардурӯғ мерасонидаанд. Бо истифода аз таъсиррасонии равонӣ ба боварии шаҳрвандон даромада, аз онҳо гӯё барои табобати фарзандонашон мабағҳои калони пулӣ талаб кардаанд.

Чуноне зимни пешбурди коркардҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда шудааст, ин гурӯҳи муташаккили ҷинояткорони интернетӣ барои амалигардонии мақсадҳои ҷиноятиашон аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон нафарони алоҳидаро ба худ ҷалб намуда, барои интиқол додани маблағҳои пулӣ онҳоро вазифадор намудаанд.

Аз ҷумла, шаҳрвандон Мамараимов Фарҳод Ҳасанович, санаи таваллудаш 21.03.1992, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Лоҳутӣ ва Шарофиддинов Рустам Маруфович, санаи таваллудаш 21.04.1991, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Наврӯз дастгир карда шудаанд, ки онҳо тавассути саҳифаи иҷтимоии Телеграмм бо ин гурӯҳи ҷиноятӣ дар тамос шуда, ба ҳайси интиқолдиҳанда, ба истилоҳ курер, ба онҳо ёрӣ расонидаанд. Номбурдагон аз се шаҳрванд беш аз 40 ҳазор долларро қабул намуда, тавассути ҳамёни электронӣ ба хориҷи кишвар интиқол додаанд.

Ҳамчунин, аз ҷониби кормандони милитсия Акобирова Амина Изатшоевна, санаи таваллудаш 30.11.2001, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қабодиён дастгир карда шудааст. Ӯ низ дар се ҳолат аз ҷабрдидагон дар умум зиёда аз 22 ҳазор долларро гирифта, тавассути хизматрасониҳои бонкӣ маблағҳоро ба хориҷи кишвар фиристодааст.

Бо назардошти ҳолатҳои мазкур Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе шаҳрвандонро огоҳ месозад, ки ба ҳар гуна зангҳои афроди ношинос ва хабарҳои бардурӯғи онҳо бовар накунанд ва агар бо чунин шакл мавриди фиреби ин гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, ба мақомоти милитсия муроҷиат намоянд.

**Раёсати ВКД
дар шаҳри Душанбе**

# ФОҶЕАИ ИШҚ

## Чаро Ориф Таисияро кушт?

**Ориф Менглибоев, донишҷӯи 28-солаи соли чоруми риштаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Вологдаи Русия дар қатли устоди 36-солаи ин донишгоҳ Таисия Тулина айбдор мешавад.**



Бино ба иттилои дарёфтӣ, байни онҳо муносибатҳои ошиқона будааст ва гӯё рашк сабаби куштор шудааст.

Достони ишқеро, ки бо фоҷиа анҷом ёфт, яке аз расонаҳои маҳаллӣ дар чанд ҷумла чунин қиссаву хулоса кардааст: "Ин зан ду фарзанд дошт, вале чунин иттифоқ уфтод, ки ӯ дар донишгоҳ бо як донишҷӯи тоҷик шинос шуд... Муаллима 36 сол дошт, он донишҷӯ 28 сол ва имрӯз ё пагоҳ таҳсилро ҳам ба поён меовард. Аммо ин ишқ дар ниҳоят бо фоҷиа анҷомид. Дар хонаи муаллима дар кӯчаи маршал Конев байни ошиқон ҷанҷол бархост. Фарзияе ҳаст, ки донишҷӯи муҳоҷир Таисияро ба хиёнат гумонбар карда, бо ӯ ҷанҷол орост ва дар авҷи ин ҷанҷол ӯро кушт. Вақте фаҳмид, ки чӣ кор кардааст, худро ҳам куштанӣ шуд, вале муваффақ нашуд...".

Ниҳояти талху фоҷиабори ин достони ишқ ин шуд, ки Таисия Тулина дар зери хок хуфтаву ду кӯдакаш ятим монд ва ошиқи ӯ, ки дар ниҳоят қотилаш шуд, бо захми корд дар қафаси синааш дар бемористони маҳбас хобидааст ва ба ӯ солҳои тӯлонии зиндон таҳдид мекунад.



**Зодагони Чеченистон барои озурдани хоҳарашон ҳарду зонуи як ҷавони тоҷикро зада шикастаанд. Дар ин бора пойгоҳи Readovka бо нашри як навор хабар додааст.**

Гуфта мешавад, ки дар як фурӯшгоҳи Твер ҷавони тоҷик ба як духтари чечен гап мепартояд. Ин ба духтар хуш намеояд ва ӯ қабехгуфтории ҷавонро сабт карда, ба бародаронаш мефиристад. Бародарони духтар ҷавони тоҷикро дар Маскав пайдо карда, зада ду пояшро шикастаанд. Мақомоти интизомии Русия тафтишотро аз болои ин қазия оғоз кардаанд.



**РВКД вилояти Хатлон аз боздошти ронандае хабар дод, ки ҳамагӣ 9 сол доштааст.**

Милитсияи Хатлон дар шарҳи ин ҳодиса гуфт: "Ин кӯдак субҳи 17-уми июн аз бемасъулиятӣ ва хунукназарии волидайни худ истифода бурда, бе пурсиш воситаи нақлиёти падараш Махмадов Х., санаи таваллудаш 27.05.1986, зодаи ноҳияи Панҷ, истиқоматкунандаи ноҳияи Синои шаҳри Душанберо гирифта, якчанд кӯдакони дигарро савор намуда, дар маркази ноҳияи Панҷ бо суръати баланд идора карда, ҷони худу дигар атрофиёнро зери хатар гузоштааст".



**Агентии мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон рӯзи 14-уми июни соли 2024 аз ошкор шудани боз як ҳолати гирифтани пора аз тарафи корманди Нозироти андози шаҳри Ваҳдат хабар дод.**

Ҳафтаи ҷорӣ Агентӣ 2 корманди андози Ваҳдатро барои гирифтани пора боздошт кард. Гуфта мешавад, ки Саидзода К. Б., мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандии шахсони воқеии Нозироти андози шаҳри Ваҳдат аз шаҳрванд А. Р. барои омада карда додани маълумотнома оид ба қарздор набудани падараш аз андози замин маблағи 4000 сомониро ба сифати пора талаб карда гирифтааст.

# БА ДОНИШ РАВОНРО ТАВОНГАР КУНЕД

(Аввалаш дар саҳ.6)

Мо бо Теша, ҳамкурси ҳамадону кунҷков дар қисмати дуюми синфхона менишастем. Бо занги танаффус ману ӯ тез бо дари дуюм ба роҳрав баромадем. Муаллим Р. Ҷӯраев бояд аз дари якум берун омада, муқобили мо ба самти деканат ё ба тарзи дигар, тарафи муаллимхона ҳаракат мекард.

Ҳамин тариқ, ману Тешаи сарсахт саросемавор аз дари поин баромада, тарафи дари якум, муқобили муаллим Ҷӯраев ҳаракат кардем.

Ба муаллим наздик шудем, Теша:

– Бори дигар салом, мӯҳтарам Рустам Ҷӯраевич. Лексияи Шумо ба мисли ҳамешагӣ мо донишҷӯёнро моту мабҳут кард. Мо ниҳоят хушбахтем, ки қатори донишҷӯёне ҳастем, ки имкони иштирок дар дарсҳои пурмуҳтаво ва нотакрори Шумо насибамон гаштааст.

Давоми ин ҳарфҳо муаллим Рустам Ҷӯраев як лаҳза ҳам дар ҷойи худ наистод, ки моро сӯ гӯш кунад. Маълум буд, ки тамаллуқ, таърифу тавсиф ба муаллим хуш наомад. Ӯ қариб ба мо нигоҳ ҳам накард, мисли ҳамешагӣ бо шитоб ба пеш қадам мезад. Теша ин ҳолатро ҳис карда, тез ба савол гузашт:

– Устод, Шумо дар бораи таҳлили муқоисавии забонҳои пашту – тоҷикӣ – англисӣ мухокимаронӣ кардед. Солҳои шастум, вақте мо дар деҳа будем, субҳ аз радио сурудҳои афғониро гӯш мекардем. Дар ёдам мондааст, ки радиои Афғонистон такрор ба такрор як суруди ба фикрам, паштуниро мешунавонд, ки мисраи ҷолибаш ин буд: «До тори стиргӣ, ш. мо ёдигӣ». Ман ин мисраро шунида-шунида, аз ёд кардаам. Лекин маънояш чӣ бошад, то ҳол намедонам.

Муаллим ҳамон замон дар ҷояш истод. Гуфт:

– Дафтаратро ба ман деҳ.

Теша суоли худро ривоятдор карда, дафтарашро ҳам бо худ гирифта буд. Ба муаллим дод. Муаллим Ҷӯраев дар байни дафтар бо хатти арабӣ ҷумлаи гуфтагии Тешаро чунон тез навишт, ки мо хабар нашудем. Ва илова кард:

– Тарҷумаашро дар хотират нигоҳ дор: **«Эй, чашмсиёҳ, зи мо ёд бикун!»** – ангушти ишораи дасти росташро дар ҳаво ҳалқавор чархонда, хабари ҷумларо муаллим мисли ҳунарманди театр хонд.

Боқӣ, муаллим як сонияи дигар ҳам дар ҷояш наистод. Ҳаракат кард. Ва мо бо мардаки суолдеҳ музтар мондем.

Ба фикрам, муаллим Ҷӯраев «суиқасд»-и моро дар шакли саволи шубҳаомез фаҳмид. Ва ин катибаро дар дафтари Теша барои он навишт: «Эй содаҳо! Шумо агар моро имтиҳон карданӣ бошед, равед, ин катибаамро ҳарф ба ҳарф дар луғат кобед. Ёбед. Бори дигар қоил шавед: он чизеро, ки Рустам Ҷӯраевич медонад, илм ном дорад!».

## ТУ БОЯД БИДОНӢ, БИРАВ ЁД ГИР

Як вақт ман дар идораи Кумитаи ҷавонони донишгоҳ, берун аз машғулияти дарсӣ навбатдорӣ мекардам. Ҳамон рӯз муаллим Р. Ҷӯраев ҳам навбатдори умумидонишгоҳӣ будааст.

Ногоҳ дар кушода шуд. Ӯ бо ҳамон салобат вориди хонаи навбатдорӣ гашт.

Ман, албатта, аз ҷой бархоста, кӯтоҳ гузориш додам. Муаллим ба болои мизи корие, ки паси он нишаста будам, нигарист. Китоб, луғати русӣ-тоҷикӣ, дафтар ва қаламе, ки болои миз монда будам, диққати муаллимро ба худ ҷалб кард:

– Шумо чӣ хонда истодаед? – пурсид ӯ.

– Асари Денис Иванович Фонвизин «Недоросль»-ро.

Баъд ба мизи кории ман наздик шуда, ба дафтарам нигоҳ ва суол кард:

– Дар ин дафтар чӣ менависед?

– Калимаҳои нофаҳморо, – ҷавоб додам ман.

Р. Ҷӯраев дафтари маро аз болои миз бардошта, ба навиштаҳоям бодиққат шинос шуд. Ҳайрон гашт:

– Аҷаб! Ту донишҷӯи аълохон ҳастӣ, чӣ ҳамин калимаҳои одиро ҳам намедонӣ?

Ман ба аломати хиҷолат ба ин гуна сатҳи пасти забондонӣ сар хам кардам.

– Ин корат заҳмати зиёд талаб мекунад. Вақт мегирад, – гуфт ӯ ва илова кард:

– Ман ба ту чанд усули азхудкунии забони хориҷиро тавсия медиҳам:

**1.** Омӯхтани грамматикаи забони хориҷӣ бо иловаи лексика ва хониши иловагии зина ба зина, дар бастагӣ бо дараҷаи азхудкунии грамматика ва калимаҳо;

**2.** Бо тафсил омӯхтани китоб бо забони хориҷӣ, ки фарзияи он бо забони тоҷикӣ мавҷуд бошад. Аввалан шакли тоҷикиро хуб аз бар намуда, баъдан бидуни истифодаи луғат оғоз кардан ба хондани он китоб ба забони хориҷӣ. Яъне наздик шудан ба маънии китоб аз рӯйи матни тоҷикӣ;

**3.** Ҳангоми аз худ кардани категория ва истилоҳоте, ки ҷида овардa шудаанд, ба тарзи сунъӣ сохтани абревиатураи он.

Мисол, «сущность» (моҳият) муродифҳои сифатии он «важное», «главное», «необходимое», «определяющее», «закономерное» аст. Барои фаромӯш нашудани тарҷумаи онҳо ва бой гардонидани таркиби луғавӣ, калимаҳои номбаршударо кӯтоҳ, аз рӯйи ҳарфҳои аввалашон чун ВГНОЗ дар хотир гирифтан мумкин аст;

**4.** Ба ҳар калимаи ношиноси хориҷӣ шартан монандкунии ягон калимаи тоҷикӣ;

**5.** Агар забони хориҷии меомӯхтагӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб бошад, кӯшиш бояд кард, ки решаҳои этимологии он калимаро дар забони тоҷикӣ пайдо кунӣ. **Забони тоҷикӣ забони модарии забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст.** Барои мисол: овраг – раги об; банда – банд, баста, зуҳуроте, ки аз чанд тан иборат аст. Як кас ба каси дигаре бастагӣ дорад; баран – барра; зима – зимистон; кандил – қандил; рост – рост, дуруст; галаконсерт – гала, галаи асп ва садҳои дигар;

**6.** Новобаста аз дараҷаи донистани забон, бетанаффус хондани китоби хориҷӣ. Тамошои филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ, гӯш кардани матнҳо ба ин забон;

**7.** Истифодаи муҳити забонӣ ё дар ҳолати зарурӣ сохтани чунин муҳити забонӣ бо шарикдарсон;

**8.** Аз ёд кардани зарбулмасал, мақолҳо, суханҳои пандомез бо тарҷума. Чунин ибораҳои рехта хотирмон мешаванд.

**9.** Тарҷумаи хотиравии шеърҳо аз як забон бо забони дигар тавассути нутқи дохилӣ.

Муаллим Р. Ҷӯраев мисле, ки дар як синфхона дарс мегуфта бошад, бо тамоми масъулият маро мефаҳмонд.

Аввал ман дафтарро гирифта, рост истода, суханҳои муаллимро навишта гирифтам. Таваҷҷуҳи ман ба муаллим маъқул афтод ва ӯ гуфт:

– Бишин. Саросема нашуда навис.

Ман чунин кардам.

Шояд таваҷҷуҳи шавқмандона ва ихтиёрии ман дар омӯхтани забони русӣ муаллим Р. Ҷӯраевро ба чунин иқдом ҷалб карда бошад.

Ман ин дарси ғайрирасмӣ ва бароям ниҳоят муфидро харҷи зудтар аз худ кардам. Чандин маротиба такрор намудам.

Ин усул бароям хеле маъқул шуд. Тавсияи ғайрирасмиро ба шарикдарсони худ низ расонидам. Онҳо ҳам чунин тарзи азхудкунии забонро хуб қабул карданд ва медидам, ки бо хамдигар мубоҳиса карда, онро истифода мебаранд.

Баъдан, бо гузашти солҳо ҳангоми омӯхтани забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ ман ин методҳоро хуб истифода намудам. Онҳо самарабахш буданд.

Хулоса, Р. Ҷӯраев яке аз донишмандони бузурги забоншиносии тоҷик ва ифтихори донишгоҳ буд.

Хушбахтона, мо ҳис намекардем, ки байни муаллимони Донишгоҳи Кӯлоб ягон рақобати носолим бошад.

Баръакс, муаллимони ҷавон ба донишмандони соҳибкасб ва обрӯманд назари нек доштанд. Аз онҳо доимо меомӯхтанд.

Боре ман шоҳиди гуфтугӯ байни муаллимони ҷавони донишгоҳ будам. Он ҷо муаллим Ёралӣ Содиқов ширкат дошт. Ӯ мегуфт: «Кошки, одам ба дараҷаи муаллим Рустам Ҷӯраев донишманд бошад...!».

Албатта, номумкин аст, ки ҳама якзайл донишу касбият ба тахассусмандӣ дошта бошанд. Аммо далели эътирофи донишмандии шахсиятҳои муътабар, худ ишораи бузург барои кӯшиши расидан ба чунин ҷойгоҳу манзалат аст.

**С. ЯТИМОВ**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои толибилмони синфҳои болой. Тел.: 98-745-18-78

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00673677, ба номи Шодиева Моҳрухсор Додарҷоновна, ки санаи 14.10.2016 аз ШВКД шаҳри Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи №9Д-4481 аз санаи 21.09.1992 ба номи Булычев Сергей Евгеньевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, хонаи 295, ҳуҷраи 55, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти феҳристи №2М-63 аз санаи 10.03.2009 ба номи Холматов Абдумаҷид Абдувоситович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Х. Мирзоев (собиқ Репин), хонаи 61, ки дар нотариуси калони Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Холматов Абдумаҷид Абдувоситович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Х. Мирзоев (собиқ Репин), хонаи 61, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо реестри №149, аз санаи 26.05.2008, ба номи Усманова Малохат Сулаймоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Мушфиқӣ 80, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши таҳхона тахти феҳристи №9Ш-75 аз санаи 14.03.2019 ба номи Ҷураева Моҳинав Маҳмадюсуповна, бо суроғаи ш. Ваҳдат, ҷамоати шаҳраки Н. Розиқ, кӯчаи Н. Хисрав, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ш. Ваҳдат ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Саидова Гулҷаҳон Файзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Дониш 24, ҳ. 52, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Тоибова Сорохон, РЯМ: 0730125385, РМА: 076131123, ки аз санаи 29.10.2015 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, №616111, ба номи Насимова Парвина Азимовна, ки соли 1991 аз МТМУ №15-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, эътибор надорад.

► Аттестати синфи 9, №652478, ба номи Насимова Сабоҳат Азимовна, ки соли 1985 аз МТМУ №15-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, эътибор надорад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси Кооперативи тиҷоратии Зафар Солиев, РЯМ: 0710006990, РМА: 070009364, ки аз санаи 30.05.2012 аз тарафи Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ҶТ №0117431 аз санаи 10.07.2018, ба номи Умарова Гулсара Ҳайдаровна, ки аз ҷониби Литсейи касбии хизмат ва туризми ш. Душанбе соли таҳсили 1982-1983 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун тахти феҳристи №2М-150 аз санаи 29-уми сентябри соли 2015 ба номи Масаидова Светлана Додобаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино 2, кӯчаи Ғафуров 4, ҳ. 6, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият даровaрда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Комрони Зафар", РЯМ: 0710011555, РМА: 070018604, аз 19.11.2022 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Бурди Парвиз", РЯМ: 0210031241, РМА: 020056971, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# МАН ГУНОҲ НАДОРАМ!!!

**Аз субҳ то шом, сари ҳар қадам, аз забони пиру ҷавон садо медиҳад: “Ман гуноҳе надорам, айби ман нест, гуноҳи дигарон!”. Пой бар санг хӯрд - айби роҳ, аз имтиҳон афтод - айби муаллим, ҳамсараш гапгардон - айби хушдоман, аз кор ронданд - айби роҳбар, депорт шуд - айби полис,... Ҳама гунаҳгор, ба ҷуз худамон, ки мусичаи бегуноҳем.**

Гапи нобударо мекобем, гуноҳро аз сари худ соқит ва ба гардани дигарон бор мекунем, агар сахт омад, “Худо аз рӯзи азал дар пешониам чунин навиштааст” мегӯем. Бо ин гуфта, мо “худотарсон” фармудаи Худо - нақши мудирияти инсонро дар Замин инкор ва фармудаи Қуръонро, ки Худо одамро аз лой офарид, ба ӯ рух бахшид ва ба фариштагон фармуд, ки ба ӯ саҷда кунанд, зери шубҳа мегузорем. Хуллас, инсонро дар пояи махлуқоти дур аз идрок қарор медиҳем.

Эътирофи гуноҳ, тавба кардан (маънии тавба бозгашт ба Худост) фарз аст. Фарзро иҷро намекунем, аз покӣ, мағфират худро канор мегирем. Гӯё дар роҳи Худо қарор дорем, аммо пиндору гуфтору кирдорамон саршор аз гуноҳ асту қудрати эътирофи онро надорем. Ҳол он ки, фармудаи Худост, ки барои хатоҳо, нороҳатиҳое, ки ба мардум расонидем, маъзарат хоҳем.

Дар Қуръон, сураи Муаззамил, ояти 20 омадааст: “Ва аз Парвардигори худ омурзиш бипурсед, ки ӯ омурзанда ва меҳрубон аст”.

Узр хостан ва қабул кардани узр барои фарди ғалаткарда, ҳам барои фарди зиёнрасида фарз аст ва муносиботи инсонҳоро барқарор месозад ва сабаби авфи гуноҳ мегардад.

Аммо ғурури ноҷо, ки хоси қисме аз ҳаммиллатони мост, ба ин даст намедиҳад. Ҳол он ки, дар ислом ғурур, кибр, такаббур сабаби фосидии нафс аст, ки аз фармонбардорӣ ба Худо ва муносибати хуб бо дигарон дур месозад. “Ва дар замин бо кибр роҳ марав, ки ту наметавонӣ заминро шикофӣ, ва наметавонӣ дар баландӣ ба кӯҳҳо бирасӣ”. Қуръон, сураи Исро, ояти 37.

Мегӯянд, ки кӯр як бор ба чоҳ меафтад. Аммо мо доноякон гаштаю баргашта худро ба чоҳ меафканем. Вале шикаст, таҷрибаи рӯзгори худу дигарон бароямон дарс намешавад. Худхоҳакону худдонакон ҳастем. Наберагону аберагонамон низ бо ин роҳ мераванд. Шояд аз ин ҷост, ки аз хурд то калон носеҳонем. Адабиётамон хазинаи панду ҳикматҳост, аммо мисли оби дари хона бароямон қадр надорад. Шояд аз ин ҷост, ки ҳазор сол болоямон ҳукмронӣ карданду мо - тоҷикон фазлфурӯшӣ доштем. Чунин буд, чунин ҳаст, агар гуноҳамонро эътироф накунему ислоҳ нашавему аз рӯи ақлу мантиқ кор нагирем, чунин хоҳад монд.



Ду-се гумроҳе, бадгуҳаре, муҳим нест дониста ё нодониста гуноҳи кабира содир карданд, мардуми осоиштаро ба қатл расониданд, масҷидро таркониданд, мушкилоти миллионҳо муҳоҷиронро мушкилтар сохтанд. Мо ба ҷои маҳкум, гумроҳӣ карданд мегӯем. Гумроҳӣ ҳам гуноҳ аст.

Мо дар ғами пур кардани киса ҳастем, аммо аз андешаи пур кардани мағз, ки ҷавҳар, гавҳар асли вуҷуди мост, дар канорем. Оқибати ин ҳама фармоннофармоӣ, парешонии афроду шикасти миллат аст. Агар инро эътироф накардем, заҳри ҳалоҳили оқибаташро мечашем ва чашидан дорем. Ҳаммиллату ҳамсуннати мо гуноҳе содир кард, аммо онро эътироф намекунем, омурзиш намепурсем, чун тӯдаи масти ғурур баҳс мероем, фазлфурӯшӣ мекунем, талоши гуноҳро аз сари гунаҳкорон соқит сохтан мекунем.

Бадгуҳаре санге меандозад, ки сад санги дигарро беҷо месозад. Бадгуҳарро фаромӯш мекунем, сад санги беҷошударо модари гуноҳ медонем.

Ҳама носеҳем: аз хурд то калон, аз доно то нодон. Дигаронро маҳкум мекунем, аммо фарзандон, пайвандон, ҳамдеҳагон, ҳамшаҳриҳо, ҳамватанонро дар хонаю кӯча, мактабу мадраса, маҷлису масҷид ба иқрори гуноҳу ислоҳи он далолат намекунем, намегӯем, ки шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав, вақте вориди кишвари дигаре мешавӣ, хулқи баду рафтори номатлубатро дар хонаат гузор!

**Инглисҳо мегӯянд:** “Рум рафтӣ, румӣ шав!” ("When in Rome, do as the Romans do");

**Русҳо мегӯянд:** “Дар хонаи бегона амирӣ накун!” ("Не в своём гнезде, не командуй!"); “Ба масҷиди бегона бо қоидаҳои худ намераванд” ("В чужой монастырь со своим уставом не ходят";

**Ҷопониҳо мегӯянд:** "Агар вориди кишвари бегона шудӣ, қонунҳои онро риоя кун";

**Олмониҳо мегӯянд:** “Ҳар кишвар расму русуми худро дорад” ("Andere Länder, andere Sitten").

Аҷабо, панди ниёгонро афроди миллате ҳалқа дар гӯш мекунанд, аммо барои мо - тоҷикон аз як гӯш медарояду аз гӯши дигар мебарояд.

Чаро чунин аст? Нависед, агар назари дигар доред.

**Шариф ҲАМДАМПУР**

## МАВЛУДНОМА

**• 20 июн •**

**Зариф Бобиев** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Сӯҳроби Зиё** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Мирзо Қулов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Ғаффор Самадӣ** (1914-1986), 110-солагии зодрӯзи журналист-тарҷумон, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Худойназар Тилавов** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Абдурашид Тошматов** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**• 21 ИЮН •**

**Леонард Герсенберг** (1934), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Баҳодури Зоирпур** (1954), 70-солагии зодрӯзи публисист.

**Эдуард Коробов** (1909-1991), 115-солагии зодрӯзи мураббии футбол, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Александр Яблоков** (1934), 90-солагии зодрӯзи нависанда.

**• 22 ИЮН •**

**Маҳбуба Ғуломова** (1939), 85-солагии зодрӯзи журналист.

**Усмонҷон Исмоилов** (1934-1982), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Малика Қаюмова** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Александр Маковелский** (1884-1969), 140-солагии зодрӯзи файласуфи рус, муҳаққиқи «Авесто» ва зардуштия.

**Леонард Герсенберг** (1934), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**• 23 ИЮН •**

**Ҳабибулло Ёров** (1949), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Шоҳмуҳаммади Муллошоҳ** (1584-1661), 440-солагии зодрӯзи шоири форс-тоҷик.

**Абдувалӣ Рашидов** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Нисо (Ҷӯраева)** (1964-2005), 60-солагии шоира.

**• 24 ИЮН •**

**Додихудо Саймуддинов** (1949), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИ Тоҷикистон.

**Мариана Арунова** (1929), 95-солагии зодрӯзи муаррих-эроншиноси рус, доктори илми таърих.

**• 25 ИЮН •**

**Ғаюр Қаҳҳоров** (1949), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

**Наталя Науди**нова (1944), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Гуландом Сафаралиева** (1944), 80-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Маҳмадназар Ҷамшедов** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**• 26 ИЮН •**

**Спартак Дадашев** (1934), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Маҳмад Маҳмудов** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Нуриддин Салимов** (1929), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Марям Юсуфова** (1949), 75-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ба кумаку дастгирии касе умед набандед. Якравию garданшахии шумо садди роҳи робита бо атрофиёнатон мегардад, вале таҳдевории хуб барои тиҷорат ва касбу коратон шуда метавонад. Аз мунокиша бо дӯстдоштаатон роҳи гурез надоред.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ба наздикони худ барои аз мушкилиҳо берун шудан кумак мекунеду аз комёбиҳояшон сидқан шодӣ мекунед. Дар муносибатҳои ошиқона як рафтори дӯстдоштаатон боиси хафагии шумо мегардад. Хатари ба бемории чашм гирифтор шуданатон дар назар аст.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Худро ҷасуртар ҳис мекунед, фаъолнокиятон зиёд мегардад. Баъзеҳо ба сафари роҳи дур мебароянд. Аксарият дар касбу кор муваффақ мегарданд. Тамоми мушкилоти корӣ ва фишори руҳие, ки вақтҳои охир азиятатон медод, анҷом меёбанд.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Ҳар пешниҳоди ҳамкорие, ки дар ин ҳафта қабул мекунед, ба назаратон дилпуркунанда нест. Ҳол он ки, тамоми рӯйдодҳо бо ташаббуси худи шумо рух медиҳанд. Барои хуб ҷорӣ гаштани муносибатҳои ошиқона ҳамааш аз рафтори шумо вобастагӣ дорад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Аз ҳар ҳодисае, ки бо шумо рух медиҳад, ҷиҳати мусбаташро пайдо намоед. Эҳтимол нафаре дар фикри зарар расонидан ба шумо аст. Асаби худро эҳтиёт кунед, ба эҳсосот дода нашавед. Дар ҳама ҳолат ба дастгирии дӯстдоштаи худ умед баста метавонед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Аксари зодагони мучали сунбула дар ин ҳафта зудранҷу нозук мешаванд. Агар имкон бошад, баъзе ӯҳдадориҳои худро ба дӯши дигарон бор кунед. Бояд нағзакак истироҳат кунед. Кинаву бадбиниро аз дил дур созед. Ба зангҳои собиқ дӯстдоштаатон посух надиҳед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Ҳафтаи навро оромона сипарӣ намоед. Мисли ҳамеша серкор мешаведу барои баъзе корҳои муҳим вақтатон намерасад. Бо вуҷуди ин, наздиконро фаромӯш насозед. Агар каме бодиққат ва зирак бошед, муносибатҳои ошиқонаатон мустаҳкаму бардавом мешаванд.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Бояд сабур бошеду дар ягон кор ба саросемагӣ роҳ надиҳед. Ҳафта барои шиносшавӣ ва бо мушкили наздикон машғул шудан мусоидат мекунад. Дар муносибатҳои ошиқона камтарин нофаҳмӣ метавонад боиси ҷудоӣ бо дӯстдоштаатон гардад.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Вақте орзуву ниятҳои дастнорас мекунед, имкониятҳои худро ба инобат гиред. Сустиву фориғболӣ шуморо ба ҳадаф намерасонад. Тамоми корҳои худро пешакӣ ба нақша гиред, он гоҳ аз мунокиша ва мушкилот эмин мемонед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Пеш аз ҳама бояд хонаву дари худро ба тартиб даворед. Баъзеҳо дар фикри таъмир мешаванд. Аз қарорҳои фаврӣ, гуфтори дағалу беандеша худдорӣ намуда, ҳамзамон ба бепарвоӣ роҳ надиҳед. Рӯзҳои наздик сахт ошиқ шуданатон мумкин аст.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Дар ин ҳафта ба ҳар коре, ки даст мезанед, ҳатман муваффақ мегардед. Ҳодисае рух медиҳад, ки дар зиндагиву касбу кор фоида ба даст меоред. Табъи хуш ва хислати бо одамон забон ёфтанатон шуморо аз тамоми нофаҳмиву мунокишаҳои сарзада эмин медорад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Давоми ҳафта корҳои нотамоми худро анҷом медиҳед. Меҳнатҳоятон аз чашми роҳбарият дур намемонад. Дар ҷодаи муҳаббат вақте расидааст, ки ғалату камбудиҳои худро ислоҳ карда, аз имконият истифода бурда, ҳамаро аз сифр сар кунед.

**ҶДММ «ТС ЭСХАТА СУҒУРТА»**

## ҲИСОБОТ ОИД БА УҲДАДОРИИ РОҲБАРИЯТ ДАР ТАЙЁР НАМУДАН ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТҲОИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ 2023

Роҳбарияти ҶДММ «ТС Эсхата Суғурта» (минбаъд –Ташкилот) барои тайёр намудан ва тасдиқи ҳисоботҳои молиявии ташкилот уҳдадор мебошад, ки воқеан ҳолати молиявии ташкилот, натиҷаи фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худии онро ба санаи 31 декабри 2023 дар мувофиқати бо Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) инъикос менамояд.

Барои тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ, роҳбарияти Ташкилот уҳдадор аст, ки:

- Сиёсати дурусти ҳисобдориро интихоб намуда дар фаъолияти худ истифода барад;
- Ахбороти мувофиқ, боэътимод, қиёспазир ва фаҳмо оид ба сиёсати ҳисобдорӣ пешниҳод намояд;
- Маълумоти иловагӣ пешниҳод намояд, агар ягон номувофиқатӣ ба тарзи ҳисобдорӣ дар асоси СБҲМ вуҷуд дошта бошад ва он ба ҳолат ва фаъолияти молиявии Ташкилот таъсир расонад;
- Ба фаъолияти Ташкилот оид ба қобилияти дар оянда амал карданаш баҳогузорӣ намояд.

Роҳбарият инчунин уҳдадор аст, ки:

- Низоми самаранок ва боэътимоди назорати дохилии Ташкилотро кор карда баромада дар ташкилот ба роҳ монад;
- Ҳуҷҷатҳои муҳосибиро дуруст нигоҳдорӣ намояд ва маълумотҳои ин ҳуҷҷатҳои амалиёти Ташкилотро бо асъори мувофиқ ҳамавақт пурра нишон диҳанд ва инчунин дорои маълумоти кофӣ оид ба мувофиқатии амалиётҳои ҳисобдорӣ ба СБҲМ бошанд;
- То андозае, ки барои онҳо муяссар мегардад моликияти Ташкилотро ҳимоя намоянд; ва
- Ҳамагуна қаллобӣ ва амалҳои зидди қонуниро ошкор ва бартараф намоянд.

**Ҳисоботи молиявии Ташкилот барои соле, ки 31 декабри 2023 анҷом меёбад, аз ҷониби роҳбарияти он санаи «31» майи соли 2024 тасдиқ гардидааст.**

**Аз ҷониби роҳбарият:**

**Насиров А.А.**
**Директор**

**Латипова М.С.**
**Сармуҳосиб**

PKF

ҶДММ «ПКФ Тоҷикистон»
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Душанбе, куч. Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии «Бохтар», 7-ум ошиёна, идораи №705
Т: +992 (44) 625 22 27
E: info@pkf.tj
W: www.pkf.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба роҳбарияти ҶДММ «ТС Эсхата Суғурта»**

### Ақидаи бо тавзеҳот

Мо аудити ҳисоботи молиявии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта» (минбаъд «Ширкат»)-ро гузаронидем, ки иборат аст аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ ба 31-уми декабри соли 2023, Ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳо , ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя барои соле, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад, инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла тавсифи мухтасари муқаррароти сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ.

Ба ақидаи мо, ба ғайр аз таъсири масъалае, ки дар фасли "Асос барои изҳори ақидаи бо тавзеҳот"-и ҳисоботи мо баён шудааст, ҳисоботи молиявии замимагардида ҳолати молиявии ширкатро ба 31 декабри соли 2023, инчунин натиҷаи молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии онро ба таърихи рузи қайдгардида, тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), аз ҳама ҷиҳатҳои назаррас дуруст инъикос менамояд.

### Асос барои изҳори ақидаи бо тавзеҳот

[1] Ба 31 декабри соли 2023 ва 2022 ҳаҷми мукофотҳои суғуртавӣ мутаносибан 4,780,194.59 ва 3,455,888.84 сомониро ташкил дод. Бо мақсади таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ширкат муқаррароти СБҲМ 17 «Шартномаҳои суғурта»-ро татбиқ накард ва таъсири ин стандартро ба ҳисоботи молиявӣ таҳлил накарда аст. Вобаста ба ҳолати мазкур мо натавонистем муайян кунем, ки оё ин моддаҳои ҳисоботи молиявӣислоҳотро талаб мекунанд ё не.

Мо аудити худро мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (СБА) гузаронидем. Масъулияти мо тибқи ин станддартҳо поёнтар дар фасли «Масъулияти аудитори оид ба аудити ҳисоботи молиявӣ» -и хулосаи мо шарҳ дода шудааст. Мо дар муносибат ба ширкат мутобиқи Кодекси одоби касбии муҳосибон, ки аз ҷониби Шӯрои байналмилалии стандартҳои одоби муҳосибон (Кодекси ШБСОМ) интишор шудааст, мустақил мебошем ва дигар вазифаҳои ахлоқии мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШБСОМ аз ҷониби мо иҷро гардидааст. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории ба даст овардашуда, барои ифодаи ақидаи мо заминаи кофӣ ва мувофиқ асос меёбад.

### Масъалаҳои калидии аудит

Масъалаҳои калидии аудит он масъалаҳое мебошанд, ки ба ақидаи касбии мо ҳангоми аудити ҳисоботи молиявии давраи ҳисоботӣ аҳамияти бештар доштанд. Ин масъалаҳо дар доираи аудити мо оид ба ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккули андешаи мо оид ба ин ҳисоботҳо баррасӣ шуданд ва мо оид ба ин масъалаҳо фикри алоҳида баён намекунем.

| Масъалаҳои калидии аудит | Тартиби аудит марбут ба масъалаи калидии аудит |
|---|---|
| **Захираҳои суғурта**<br>Захираҳои суғурта<br>Мо ба масъалаи ҳисоб кардан ва бақайдгирии захираҳои суғурта аз сабаби мураккабии баланди чунин ҳисобҳо, истифодаи муҳосибот ва истифодаи фарзияҳои мухталифи марбут ба номуайянӣ дар бораи таносуби талафоти пешбинишуда, ки ба таҳлили таҷрибаи гузашта оид ба идоракунии талафот асос ёфтааст, инчунин аз сабаби назаррас будани ин нишондод аз чихати ифодаи хароҷот, диққати махсус додем | Дар доираи расмиёти аудит, мо усулҳоеро, ки роҳбарият барои ҳисоб кардани захираҳои суғурта истифода мебаранд, бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва вазъи кунунии бозор таҳлил намудем. Мо дар асоси интихобӣ дурустии математикии захирахои суғуртавии ташкилшударо аз нав ҳисоб карда, тафтиш намудем, инчунин кифоя будани захираҳои суғуртаро санҷидем.<br>Мо ҳамчунин тавзеҳоти ҳисоботи молиявиро оид ба захираҳои суғурта баррасӣ намудем. |

АУДИТ | АНДОЗ | КОНСАЛТИНГ | БАҲОГУЗОРӢ
ҶДММ ПКФ Тоҷикистон узви PKF Global, шабакаи ширкатҳои узви PKF International Limited мебошад, ки ҳар кадоми онҳо шахси ҳуқуқии алоҳида ва мустақил мебошанд ва барои амал ё беамалии ягон узви алоҳида ё ширкатҳои муросилотӣ масъулият надоранд.

### Масъулияти роҳбарият барои ҳисоботи молиявӣ

Барои омода намудан ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ ва барои назорати дохилӣ, ки дар тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ бо сабаби амалҳои беввиҷдонона ё хатогиҳо аз таҳрифи назаррас холӣ зарур шуморида мешавад, Роҳбарияти ташкилот масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, роҳбарият барои арзёбии қобилияти ширкат барои идомаи фаъолияти пайваста, ифшои маълумоти дахлдор вобаста ба идомаи фаъолият ва таҳияи ҳисобот дар асоси фаъолияти доимӣ масъул аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳам додани ширкатро дорад ва фаъолияти онро қатъ намояд, ва ё дар ҳолате, ки он алтернативаи ҳақиқӣ ба чунин амалҳоро надорад.

### Ӯҳдадориҳои аудитор оид ба аудити ҳисоботи молиявӣ

Мақсади мо барои ба даст овардани эътимоди оқилона он аст, ки ҳисоботи молиявӣ дар маҷмуъ ва хулосаи аудиторӣ дорои ақидаи мо аз таҳрифи муҳим бо сабаби амалҳои бевиҷдонона ё ғалат холӣ мебошад. Эътимоди оқилона ин як сатҳи баланди эътимод аст, вале кафолати он нест , ки аудити мутобиқи СБА гузаронида шуда ҳамеша таҳрифи муҳимро ҳангоми мавҷудияти онҳо ошкор месозад. Таҳриф метавонад аз қаллобӣ ё иштибоҳ ба вуҷуд ояд ва назаррас ҳисобида мешавад, агар дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ тахмини асоснок карда мешавад, ки онҳо ба қарорҳои иқтисодии корбароне, ки дар асоси ин ҳисоботи молиявӣ қарор қабул менамоянд , таъсир расонанд.

Дар доираи аудити мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит гузаронидашаванда, дар раванди гузаронидани аудит мо доварии касбиро амалӣ менамоем ва шубҳаи касбиро нигоҳ медорем. Ба ғайр аз ин, мо амалҳои зеринро иҷро менамоем:

- муайян кардан ва арзёбӣ кардани хавфҳои таҳрифи муҳими ҳисоботи молиявӣ, ки бо сабаби қаллобӣ ё иштибоҳ ба миён омаданд; таҳия ва гузаронидани расмиёти аудит дар посух ба ин хавфҳо; ба даст овардани далелҳои аудиторӣ, ки барои додани ақидаи мо асоси кофӣ ва мувофиқ аст. Хавфи ошкор накардани таҳрифи муҳим дар натиҷаи қаллобӣ нисбат ба хавфи ошкор накардани таҳрифи муҳим дар натиҷаи иштибоҳ зиёдтар аст , зеро қаллобӣ метавонад аз созиш, сохтакорӣ, беасосии барқасдона, пешниҳоди маълумоти нодуруст ё амалҳое иборат бошад, ки аз холигиҳои низоми назорати дохилӣ истифода мешавад;

- Фаҳмидани системаи назорати дохилӣ, ки ба аудит дахл дорад, бо мақсади таҳияи тартиботи аудит, ки ба шароити дахлдор мувофиқанд, аммо на бо мақсади изҳори ақида дар бораи самаранокии системаи назорати дохилии ширкат ;

- Арзёбӣ намудани мувофиқати сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани арзёбиҳои баҳисобгирии аз ҷониби роҳбарият муайян шуда ва ифшои маълумоти мувофиқ;

- Хулоса баровардан оид ба қонунӣ будани тахминҳои роҳбарият оиди амалиёти пайваста, дар асоси далелҳои аудити ба даст овардашуда оид ба мавҷудияти номуайянии назаррас вобаста ба воқеаҳо ва ё шароие, ки метавонанд оид ба қобилияти минбаъд пайваста амал кардани ширкат шубҳа ба миён оварад. Агар мо хулосае барорем, ки номуайянии муҳим мавҷуд аст, мо бояд дар ҳисоботи худ диққатро ба шарҳи маълумоти дахлдори тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ё, агар чунин шарҳи маълумот нокифоя бошад, ақидаи худро иваз намоем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи ҳисоботи аудитории мо гирифта шудаанд, асос ёфтааст . Вале, воқеаҳо ва ё шароитҳо дар оянда метавонад боиси аз байн рафтани қобилияти пайваста фаъолият намудани ширкат шаванд;

- Арзёбии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ, сохтор ва мундариҷаи он, аз ҷумла шарҳи маълумот, инчунин оё ҳисоботи молиявӣ амалиёту рӯйдодҳои дар асоси он тартиб додашударо тавре пешниҳод менамоянд, ки пешниҳоди саҳеҳи онҳо таъмин гардад.

Мо бо шахсони масъули идоракунии корпоративӣ ҳамкориҳои иттилоотӣ анҷом медиҳем, аз ҷумла, онҳоро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати банақшагирифтаи аудит, инчунин шарҳҳои назаррас оид ба натиҷаҳои аудит, аз ҷумла камбудиҳои назаррас дар системаи назорати дохилӣ, ки мо ҳангоми санҷиш муайян мекунем, огоҳ менамоем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки тамоми талаботи ахлоқии дахлдорро оид ба мустақиллият риоя кардем ва ин шахсонро аз ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое, ки ба таври оқилона метавонистанд ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд, дар ҳолатҳои зарурӣ дар бораи чораҳои эҳтиётӣ, огоҳ намудем.

Аз саволҳое, ки мо ба таваҷҷуҳи масъулини идоракунии корпоративӣ расонидаем, мо саволҳоеро муайян намудаем, ки барои аудити ҳисоботи молиявӣ дар давраи ҷорӣ бештар аҳамият доштанд ва аз ин рӯ, саволҳои калидии аудит мебошанд. Мо ин саволҳоро дар хулосаи аудитории худ тавсиф мекунем, ба истисноси ҳолатҳое, ки ифшои оммавӣ оид ба ин масъалаҳо тибқи қонун ё санади меъёрӣ манъ карда шудааст ё дар ҳолатҳои хеле кам мо ба хулосае меоем, ки маълумот дар бораи ягон масъала набояд дар хулосаи мо ифшо карда шавад, зеро метавон асоснок тахмин кард, ки оқибатҳои манфии чунин иттилоот аз манфиати ҷамъиятии ифшои он зиёдтар хоҳад буд.

Ҳамроҳбари аудит оид ба супоридани ҳисоботи аудитори мустақил Камилов Аслиддин Шаропхонович мебошад.

Камилов Аслиддин
Ҳамроҳбар
Аттестати тахассусӣ барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ
ВМ № 0000217 аз 04 декабри соли 2017.

Ҷалолов Парвиз
Директор оид ба аудит
Аттестати тахассусӣ барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ
ВМ № 0000254 аз 04 декабри соли 2017.

ҶДММ «ПКФ Тоҷикистон»
Иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ аз ҷониби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами ФАС No 0000006 аз 20 апрели соли 2021 дода шудааст.

31 майи соли 2024.

Содиротӣ / Исходящий / Outgoing
31 МАЙ 2024
№ 56/24



## Имтиҳон

Донишчӯе аз фанни чуғрофия имтиҳон месупорад. Ба саволҳои устод хеле суст чавоб медиҳад. Профессор мепурсад:

- Хӯш, чавони нағз, мебинам, ки каллаи шумо мисоли биёбон холист!

Донишчӯ дар чавоб:

- Эҳтимол устод, вале дар ҳар биёбон сабзаҷое хасту уштурҳои беақл онро пай намебаранд...

## Система

Рӯзи 1-уми сентябр, дар синфи яке муаллима ба толибилмон мегӯяд:

- Бачаҳо, шумо ба мактаб омадед. Дар ин чо хомӯш нишастан лозим аст, агар чизе пурсиданӣ шавед, даст бардоред.

Аҳмад дасташро мебардорад.

Омӯзгор дарҳол мепурсад:

- Ту чӣ пурсидан мехоҳӣ, Аҳмадчон?

Аҳмад дар чавоб:

- Не, ман хамту фаҳмидан хостам, ки ин система чӣ гуна амал мекунад.

## Сангпушт

Сарвари тарабхонаи бонуфузе ба сангпуштҳои дохили ҳавличаи тарабхона ишора карда, ба як меҳмон бо ифтихор мегӯяд:

- Фахру обрӯи тарабхонаи мо сангпуштҳоямон ҳастанд.

Меҳмон оромона мегӯяд:

- Ҳа, медонам, дирӯз яктояш ба ман хизматрасонӣ карда буд.

## Кофӣ

Омӯзгор аз талаба мепурсад:

- Воҳидчон, чаро ту забони англисиро намеомӯзӣ?

- Намехоҳам муаллима.

- Магар ту намедонӣ, ки ними аҳолии сайёраи замин бо забони англисӣ ҳарф мезананд?!

Талаба дар чавоб:

- Магар ҳамин миқдор кофӣ нест, муаллима?

## Чуқурӣ

Дар маркази шаҳр чуқурии калоне пайдо шуд. Чанд нафар ба он афтода, чароҳат бардоштанд. Барои бартараф кардани мушкилӣ мутахассисони соҳаро даъват карданд.

Мутахассиси аввал гуфт:

- Дар назди чуқурӣ ҳамеша мошини ёрии таъчилиро гузоштан лозим аст, то ба афтодагон ёрии аввалин расонад.

Мутахассиси дуюм гапи ӯро рад намуда, пешниҳод кард:

- Дар ин наздикӣ бояд беморхона сохт, то пешпохӯрдагон зуд ба беморхона раванд.

Мутахассиси сеюм гуфт:

- Ҳардуи шумо ақл надоштаед, бояд ин чуқуриро хок пур кунему дар пеши ягон беморхона чуқурӣ канем.

## Хостгорӣ

Духтар ба дӯстдоштааш:

- Чонам, ман метарсам.

Чавон:

- Аз чӣ метарсӣ чонам? Натарс.

Духтар мегӯяд:

- Мабодо ту ба хостгорӣ биёӣ, ки хонаводаи мо розӣ нашавад.

Чавон мегӯяд:

- Натарс чонам, ман бе он ҳам рафтанӣ нестам.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

# ЛАТИФАҲО

## Ба хизмат меравам

- Даъват ба хизмати ҳарбӣ аз чандсолагӣ оғоз мешавад?

- 18.

- Саркашӣ аз хизмат чиноят аст?

- Дуруст.

- Агар ду фарзанд дошта бошӣ, аз хизмат озод мегӯянд. Ҳамин тавр?

- Бале.

- Ҳоло ман мучаррад. Синнам акнун ба 18 расид. Агар имсол хонадор шавам, кай соҳиби ду фарзанд мешавам?...

- Як маслиҳат диҳам?

- Хуш.

- Дар маҳаллаамон як зан хаст, соҳиби ду фарзанд. Шавҳар надорад. Ҳамонро ба занӣ гирӣ-чӣ?

- Э, моне...

## Гурдакаф

Мастикулро ҳамкадахонаш доду войгӯён ба хонаи охират гусел карданд. Ҳангоми ба қабр мондан овозашон боз ҳам баланд шуд.

Ҳамин вақт аз қабри дигар як ҳамкадаҳи онхо, ки доимо дар қабрҳои холӣ хоб мекард, сарашро бароварда, гуфт:

- Ҳой мардум, ором хоб кардан мемонед ё не?

Инро дида, ончобудагон қариб гурдакаф шуданд.

## Сихкабоб

Нозири БДА:

- Рафиқ ронанда, ҳозир шумо аз тарабхона баромадед, ҳамин тавр?

Ронанда:

- Бале, аз тарабхона.

Нозири БДА:

- Ду рӯятон суп-сурх, маълум, ки нӯшидед.

Ронанда:

- Бале, нӯшидам.

Нозири БДА:

- Магар нӯшида паси рул нишастан мумкин аст? Росташро гӯед, чӣ қадар нӯшидед?

Ронанда:

- *Баъди хӯрдани ду сихкабоб як чойник чой нӯшидам.*

## Зани калон

- Ҳа, мардак, имрӯз ҳам дер омадед?

- Зани калонамро бо мошин ба бозор бурдам. Баъд ба театр гирифта рафтам. То намоишнома тамом шудан интизор шуда истодам. Ана баъд...

- Шуд, шуд, давомашро нагӯед ҳам, мешавад. Ба ман-ку берӯёна зани калонамро ин тарафу он тараф бурдам мегӯед, ақаллан аз бачаҳо шарм намедоред?

- Хайр, ман рости гапро гуфта истодаам. Чӣ чои шарм?

- Э, шуд-э, вай зани калонатон бошад, ман зани хурдимӣ?!

- Э, занак (хандида), ту чихо гуфта истодаӣ? Зани калонам гуфта, зани сардорамонро дар назар дорам.

- Э, ха... хамту гӯед-дия!

**Абдулҳамид ҶӮРАЕВ, сокини ҷамоати деҳоти Ғозиёни ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

## Сканворд

